Соли нав муборак!

# ТОҶИКИСТОН

№52 (1615), 25.12.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

Доналд Трамп:

# ТОҶИКИСТОН, БА ПЕШ!



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармухаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармухаррир

**Одил НОЗИР,**
мухаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# «РОҒУН» БОЗ ЯК МАБЛАҒГУЗОРИ ДИГАР ПАЙДО КАРД

**Боз як бонки дигари байналмилалӣ барои сохтмони НБО-и “Роғун” 270 миллион доллар ҷудо кард. Маросими имзои созишномаи ин маблағ дар шаҳри Пекини Чин доир шуд.**

Тавре Вазорати молияи Тоҷикистон хабар медиҳад, 20-уми декабри соли 2024 дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин маросими баимзорасонии созишномаи молиявӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Сармоягузорӣ ва Инфрасохторӣ дар ҳаҷми 1 922,2 млн юани чинӣ баробар ба 270 млн доллари амрикоӣ барои татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО-и «Роғун», марҳилаи 1» баргузор гардид. Созишномаи мазкурро вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва Ноиби Президенти Бонки Осиёии Сармоягузорӣ ва Инфрасохторӣ ҷанoби Константин Лимитовский ба имзо расонидаанд.

“Бояд тазаккур дод, ки ҳаҷми маблағгузорӣ, ки аз ҷониби Бонки Осиёии Сармоягузорӣ ва Инфрасохторӣ барои сохтмони НБО «Роғун» пешниҳод мегардад, 500,0 млн доллари амрикоиро ташкил дода, он дар 2 марҳила тавассути созишномаҳои алоҳида ҷудо карда мешавад”,- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Гуфта мешавад, ки ин маблағ барои Лоти 1-ум ва Лоти 3А-и НБО-и «Роғун», инчунин сохтмон ва таъмири 55 км роҳ, аз ҷумла пулҳои байни деҳаҳо сарф мегардад.

# МОҲИ ЯНВАР ЯК ҲАФТА ИСТИРОҲАТ

**Аз 1 то 7-уми январ хонандагони мактиби таҳсилоти миёнаи умумӣ истироҳат мекунанд.**

Ҷадвали нави таътил бо қарори Ҳукумати кишвар аз 28-уми марти соли 2024 тасдиқ шудааст. Аз Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон гуфтанд, ки камшавии рӯзҳои таътили тирамоҳу зимистон ва баҳории хонандагони мактаб дар Тоҷикистон аз ҳисоби зиёд кардани таътили тобистон сурат мегирад. «Бо дарназардошти ин тағйирот, шумораи ҳафтаҳои таҳсил аз 36 то 35 ҳафта кам шуд. Дар ҳамин замина, чоряки чаҳорум на 14-уми июн, балки 31-уми май ба охир мерасад. Мувофиқи ин, таътили тобистона дар Тоҷикистон аз 1-уми июн оғоз меёбад»,- гуфтанд аз Вазорати маориф ва илм.

Соли хониш бе назардошти ҷамъбаст дар соли таҳсили 2024/2025-ум 35 ҳафта ва барои хонандагони синфҳои якум 34 ҳафта давом мекунад.

Ҳамин тавр, таътили тирамоҳ аз 1 то 7-уми ноябр, зимистон аз 1 то 7-уми январ ва баҳор аз 25 то 29-уми март идома меёбад.

Ёдрас бояд шуд, ки қаблан хонандагон дар давраи таътилҳои тирамоҳу зимистон ва баҳор 10 рӯз - аз 1 то 10-уми ноябр, аз 1 то 10-уми январ ва аз 21 то 31-уми март истироҳат мекарданд.

# ЯРМАРКАИ МАҲСУЛОТИ АРЗОН ДАР ПОЙТАХТ

**Давоми як ҳафтаи охир дар шаҳри Душанбе ярмаркаи фурӯши маҳсулоти ниёзи аввал баргузор мешавад.**

Дар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе, то 31-уми декабри соли 2024 дар бозорҳои «Саховат», «Меҳргон», таваққуфгоҳи назди бинои МИҲД-и ноҳияи Сино ва назди боғи «Куруши Кабир» ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти ниёзи аввал баргузор мешавад. Маҳсулот дар ярмаркаҳо бо нархҳои нисбатан дастрас пешниҳоди мардум мегардад.



# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ВЛАДИМИР ПУТИН

**24-уми декабр дар шаҳри Санкт-Петербург мулоқоти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Русия Владимир Путин доир шуд.**

Бино ба иттилои хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон, дар ин воҳӯрӣ ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ду кишвар матраҳ шудаанд.

Ба навиштаи манбаъ, аз рӯи натиҷаҳои соли ҷорӣ Русия ҳамоно шарики асосии иқтисодии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Имсол гардиши мол миёни ду кишвар 19,8% афзоиш ёфта, ҳаҷми он ба 1,79 миллиард доллари амрикоӣ баробар шудааст.

Қаблан расонаҳо навишта буданд, ки дар ин дидор масъалаҳои доғи марбут ба муҳоҷират ва вазъи минтақа, пеш аз ҳама Афғонистон низ баррасӣ хоҳанд шуд. Аммо то ҳол ҷузъиёти бештар аз гуфтугӯи сарони ду кишвар дар ин маврид расонаӣ нашудааст.

# САРИ САБЗ



**Билолиддин РАҲИМОВ,**
**устоди ДДФСТ**

**- Дар интихоби матн ба маънии он диққат медиҳам ва аз ашъори шоирони классик месароям. Аз ашъори шоирони муосир низ чанд сурудро ба оҳанг даровarда, сароида истодаам. Ба шумораш аҳамият надодаам, аммо тахмин мекунам, шумораи сабтҳо аз 40 зиёд аст.**

*- Ба шумора, матну маъно, инчунин ба ашъори шоирони муосиру классик баробар таваҷҷуҳ додан хеле муҳим аст. Ҳам шумора муайян мешавад ва ҳам сифат.*



**Мақсуд ДОДОҶОНОВ,**
**сеҳргари маъруфу ҳирфаӣ**

**- Барои касберо аз худ кардан қабл аз ҳама хоҳишу кӯшиш бояд дошт. Барои сеҳргар шудан бояд ин корро дӯст дошт ва аз ҳеҷ чиз натарсид. Файласуфе гуфтааст: "Агар кор кардан нахоҳӣ, кори ба дилат мувофиқро ёб ва дигар ба он коре машғул мешавӣ, ки дӯст медорӣ”.**

*- Масалан, аз чӣ тарсидан эҳтимолият дорад барои сеҳргар? Аз он не, ки тамошобинон аз ҷавҳари сеҳрашон бохабар шаванд? Мегӯянд “фокусникҳо” сирри сеҳргарии худро доранд ку...*



**Беҳрӯз ҲАФИЗОВ,**
**муассиси курсҳои English24**

**- Пештар вақте курсҳои моро меҳариданд, буданд нафароне, ки аз идома даст мекашиданд. Ҳоло чунин ҳолат нест. Мо оҳиста-оҳиста арзиши дарси онлайниро дар бозори Тоҷикистон баланд бардошта истодаем. Бисёр меҳоҳам ин бозорро бачаҳои дигар низ пурра кунанд.**

*- Коре накунед, ки бо оҳиста-оҳиста баланд бардоштани арзиши дарси онлайнӣ бозори онро баръакс касод кунед? Он вақт хоҳиши ҷалби бачаҳои дигар ба орзу табдил меёбад.*

# ГУМОНБАРОНИ КУШТОР ДАР КОНИБОДОМ

## Онҳо кистанд ва пайвандон чӣ мегӯянд?










**Пас аз боздошти 4 гумонбар дар ҳодисаҳои куштор дар шаҳри Конибодом, хабарнигори ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ва Pressa.tj ба ин шаҳр рафт ва бо аъзои оилаи онҳо суҳбат кард. Маълум гардид, ки аз боздоштшудаҳо 3 нафар доғи судӣ доранду як нафар ду ному насаб. Наздикону пайвандони гумонбарон ва ҳатто ҳамсояогон дар бораи онҳо фикрҳояшонро ба хабарнигори Pressa.tj баён карданд.**

### ХОНАИ МО МЕҲМОН МЕШУД...

Нахуст, ба манзили истиқоматии яке аз гумонбарони ҳодисаҳои куштор дар шаҳри Конибодом Бахтиёр Равшанов омадем. Ӯро рӯзи 19-уми декабр мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба боздоштгоҳи шаҳрӣ бурдаанд. Ҳамсараш Зарнигор Баротова дар суҳбат ба мо гуфт, ки ба даст доштани шавҳараш дар ҳодисаҳои куштор бовар надорад. Бино ба гуфтаи ин зан, шавҳари ӯро барои робита доштан бо Солеҳҷон Набиевич, гумонбари дигари боздоштшуда, ки мақомот ҳамчун сардори гурӯҳи ҷиноӣ эътироф кард, гунаҳкор медонанд.

"Шавҳарам бо Солеҳҷон рафтуо надошт. Ӯ баъди боздошташ гуфтааст, ки гӯё ҳар боре, ки шаҳрояд, дар хонаи мо меҳмон мешудааст. Солеҳҷон дар бораи шавҳарам ба масъулини мақомот боз чиҳо гуфт, барои мо маълум нест, барои ҳамин шавҳарамро бурданд. Дар асл, 3-4 сол шуд, ки мо онҳоро надидаем ва рафтуомад надорем",- гуфт Зарнигор Баротова.

Тӯтинисо Аъзамова зани амаки гумонбар аст. Ӯ дар суҳбат гуфт, ки чиянаш касеро озор намедод. Бештар ба корҳои саҳроӣ машғул буд. Аз боздошт шудану даст доштани Бахтиёр ба ҳодисаҳои куштор аъзои оила ва ҳамаи хешовандон ҳайронанд.

Падари Бахтиёр дар мактаби деҳаи Санчидзор посбон буда, модараш омӯзгор аст. Ба гуфтаи зани амакаш, ӯ чор фарзанд дорад: се духтару як писар. Бояд гуфт, ки Бахтиёр Равшанов баъди депорт шудан аз Русия ивази ном кардааст. Ному насаби қаблияш Баҳодур Баротов будааст.



### ҚАБЛАН СУД ШУДА БУДАНД...

Солеҳҷон Набиевичи 26-сола, сокини ҷамоати деҳоти Фирӯзоба гумонбари дигари боздоштшуда аст. Мақомот ӯро ҳамчун сардори гурӯҳи ҷиноӣ эътироф кардааст. Ӯ ба Бахтиёр Равшанов писари хола мешавад. Падараш чанд сол пеш дар садамае вафот кардааст.

Давронбой Турдиев, ки дар ҳамсоягии оилаи Солеҳҷон зиндагӣ мекунад, гуфт, Солеҳҷон қаблан суд шудаву муддате ҳабс шуда буд.

Ҳангоми сафари мо ба ҷамоати деҳоти Фирӯзоба, деҳаи Гулбоғи шаҳри Конибодом, дари манзили Аҳадҷон Тухтаеви 27-соларо қулфзада дарёфтем. Ӯ гумонбари сеюми боздоштуда дар куштори ахири Конибодом аст. Дар наздикии хонааш бо ҳамсоягони ин оила ҳамсуҳбат шудем. Гуфта шуд, ки Аҳадҷон Тухтаев низ доғи судӣ дораду қаблан ҳабс шудааст.

Манучеҳр Одилов, сокини 28-солаи ҷамоати деҳоти Ҳамробоев гумонбари чоруми боздоштшуда аст, ки аҳли оилааш нахостанд бо мо гап зананд. Аз рӯйи маълумоти дарёфтӣ, Манучеҳр ҳам доғи судӣ дорад ва қаблан ҳабс шудааст. Дар оила фарзанди калонӣ буда, додар ва ду хоҳар дорад. Модараш бидуни суҳбати видеоӣ гуфт, ки онҳоро бе падар ба воя расонидааст ва ба даст доштани фарзандаш дар ҳодисаҳои куштор бовар надорад.

### ШАРҲИ МАҚОМОТ

Прокуратураи генералии Тоҷикистон бо нашри як иттилои расмӣ 21-уми декабр гуфт, ки "ҷинояти кушторҳо дар шаҳри Конибодом кушода шуда", дар робита ба ин ҳодиса чанд нафар ҳамчун гумонбар боздошт шудаанд. Нисбати боздоштшудаҳо бо кадом моддаи Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст, феълан дақиқ нест.

Ҳамин тавр, дар робита ба кушторҳо дар шаҳри Конибдом алайҳи:

*- Худойбердиев Солеҳҷон Набиевич, таваллудаш 1-уми январи соли 1998, сокини шаҳри Конибодом, ҷамоати деҳоти Фирӯзоба, деҳаи Гулбоғ;*

*- Тухтаев Аҳадҷон Насибҷонович, таваллудаш 10-уми майи соли 1997, сокини шаҳри Конибодом, ҷамоати деҳоти Фирӯзоба, деҳаи Гулбоғ;*

*- Равшанов Бахтиёр, таваллудаш 29-уми майи соли 1988, сокини шаҳри Конибодом, ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ, деҳаи Санҷидзор;*

*- Одилов Манучеҳр Солиҷонович, таваллудаш 22-юми апрели соли 1996, сокини шаҳри Конибодом, ҷамоати деҳоти Ҳамробоев, кӯчаи М. Абдуллоев парванда боз шуда, ҳамаи онҳо дастгир шудаанд.*

«Фаъолияти гурӯҳи фаврӣ-тафтишотӣ таҳти назорати бевоситаи роҳбарияти олии кишвар карор дошта, тафтишот идома дорад»,-хабар медиҳад Прокуратураи генералӣ.

**Фарзона ШАМСИЕВА,
хабарнигори “Тоҷикистон”
дар вилояти Суғд**

*(Памфлет)*

# ФАТВОИ ЧОРРӮЗА...

## Прокурор умрашро кутоҳ кард

... Фатвое, ки рӯзи 18-уми декабр аз ҷониби Шӯрои уламои Русия дода шуд, натанҳо мусулмонони ин кишвар, балки ҳазорон марди занакдӯстро дар кишварҳои вобастаи он низ хушнуд намуд. Фотеҳи Шокири душаҳрвандӣ дошта, ки ба ватани аҷдодии худ барои дидорбинӣ бо зани якумаш омада буд, алакай ба занҳои дар муҳоҷиратмондаи худ телефонӣ супориш дод, ки зуд ҳуҷҷатҳояшонро омода кунанд ва ӯ пас аз бозгашт ба Русия онҳоро зани қонунии худ мекунад.

Оля ва Соня бо шунидани ин хабар ба ҳамсояҳо ҳатто оши худоӣ доданд. Зани тоҷикистонии Фотеҳ низ акнун бояд мавҷудияти ду зани дигари шавҳарашро қонунан мепазируфт. Зеро Шӯрои уламо минбаъд ба мардони мусулмони Русия иҷозат дод, ки метавонанд таъминоти молию риояи баробарҳуқуқии занҳоро дар назди шавҳарашон эътироф намуда, дар як вақт то чаҳор зан дошта бошанд. Акнун, ки фатвои Шӯро амалӣ мешавад, Фотеҳ ният дорад, ки барои як ҷои холимондаи зани чорум, ҳатман Таняро дар Русия ва ё Таманноро дар Тоҷикистон ба никоҳи худ медарораду бо ҳамин ҷои холимонда ва ё вакансияро пур мекунад...




Аммо як саҳари солеҳон, ки ӯ бояд муҳоҷирати меҳнатии 20-солаашро идома медоду ба ватани аҷдодии Соняю Оля парвоз мекард, хабари бароияш шуми бекор шудани ин фатворо аз 23-юми декабр аз ҷониби Прокуратураи Русия шунида, сахт асабонӣ шуд ва чанд ҳақорати дастабиринҷиро ба суроғаи фатвошиканон равона карду аз дил гузаронд: “Дар ҳар маҷлиси Дума депутатҳо аз кам шудани шумораи аҳолӣ шикоят мекунанду роҳҳои баланд бардоштани зоиши занҳоро мекобанд. Ин ҷо на ипотека ва на ягон чизи дигар кумак намекунад ва беҳтарин роҳро Шӯрои уламо пайдо карда буд. Аммо ин депутатҳои беақл...”.

Аз бекор шудани чунин фатвои “олиҷаноб” на танҳо Фотеҳ, балки чандин ҳазор марди дигари русиягӣ, ки занҳои пасипардагӣ доранд, ба изтироб афтода, онҳоро расман “любовница” гуфтанд.

Мутаассифона,

*Ҳеҷ холдор паланг нашуду
Ҳеҷ “любовнитса” зан нашуд ва
Русия шонсашро аз даст дод...*

**А. ҲОҶӢ**



## Доналд Трамп:

# ТОҶИКИСТОН, БА ПЕШ!

## Мусоҳибаи солинавӣ бо президенти тозаинтихоби Амрико

**... Ростӣ, ин бор баробари интихоб шудани Доналд Трамп ба маснади президентии Амрико умедвор набудам, ки ӯ маро боз ба мусоҳиба даъват мекунад. Тавре хонандагони доимии “Тоҷикистон” медонанд, чунин мусоҳиба бо Доналд Трамп дар арафаи Соли нави 2016 сурат гирифта буд. Бо вуҷуди он ки президенти тозаинтихоби Амрико тариқи манбаъҳои кашфи худ (СРУ, ФБР) ва ғайра медонист, ки банда дар нафақаам, вале бо вуҷуди ин бо “Тоҷикистон” буданамро фаҳмида, ба хулоса омадаанд, ки маро боз ба ИМА даъват кунанд.**

... Маро ба воситаи WhatsApp (тақрибан дар даро-дарои чиллаи калон) барои мулоқот бо Президенти ИМА даъват карда, ҳамчунин, хабар доданд, ки чипта ба воситаи Мюнхени Олмон ба Вашингтон тайёр ва бояд пас аз 21 соат ба майдони ҳавоӣ ҳозир шавам. Рад намудани даъвати роҳбари ин кишвари қудратмандро ба худ эб надидам... Ва инак ман дар Вашингтон. Маълум шуд, ки мистер Трамп, вақте ки мо ҳанӯз дар болои уқёнуси Ором парвоз мекардем, ба штати (иёлоти) Иллинойс, ба зиёрати мақбараи президент Линколн рафта будааст ва ба ёрдамчиёнаш гуфтааст, ки хабарнигори тоҷикро бо чархболи шахсиаш ба он ҷо баранд. Дигар илоҷ набуд ва мо ба он ҷо парвоз кардем...

*... Суҳбати мо аз дастфишории муқаррарӣ оғоз шуд. Дар ин вақт Трамп якбора дасташро қафо кашиду ба назарам мӯи сурхи суғдиаш боз ҳам сурхтар шуду чашмонаш боз ҳам тангтар ва хиҷолатмандона гуфт:*

- Узр, дастфишориамро бо Президенти шумо ба ёд овардаму гумон кардам, ки ту ҳам мисли Роҳбаратон дасти пурқувват дорӣ. Ёд дорӣ, он замон тамоми нашриҳои дунё ин дастфишории ману Президентатонро нишон дода, гуфта буданд, ки “дар дунё аз дасти Трамп ҳам пурқувваттаре будааст”...

**- Инро ман хуб дар ёд дорам, ҷаноби президент,- посух додам ман.**

*Маълум, ки мистер Трамп серкор буд, бинобар ин, зуд ба асли мақсад гузаштам:*

**- Саволи аввал, чаро мистер Трамп ҳамеша бо занҳо мусобиқа мекунад? Дар давраи гузашта Ҳиллари Клинтон ва ҳоло бошад, бо Камола Харрис ва...**

-... ва онҳоро мағлуб мекунад?,- пешдастӣ кард мусоҳиби ман.

**- Бале...**

- Ин одат аз ҷавонии ман мондааст ва як умр занҳоро мағлуб карда омадаам. Тавре дар суҳбати гузаштаамон гуфта будам, то имрӯз се зан доштам...

**- Баргардем ба сиёсат. Ҳоло ҳам бо Путин ҷӯраед ва ӯ дар ин интихобот низ ба шумо барои ғалаба кумак кард?**

- Путин бачаи бад нест, лекин тавре дар мусоҳибаи гузаштаам таъкид намудам, маро на Путину Зеленский, балки мардуми Амрико интихоб карданд.

**- Чун худатон аз Зеленский ёдовар шудед, қабл аз интихобот ваъда кардед, ки агар ғолиб оед, ҷанги байни Русияю Украинаро дар 24 соат хотима медиҳед. Бо кадом роҳ ва кай?**

- Аввал ин ки, ман интихоб шуда бошам ҳам, ҳоло чун президент ба кор сар накардаам. Дуюм ин ки, пас аз инагуратсия бо кадом роҳ бас кардани ҷангро мегӯяму нишон медиҳам...

**- Ба андешаи шумо, дар ин ҷанг кӣ гунаҳгор аст?**

- Ин ҷанг гапгузаронии навбатӣ аст. Зеро ҳардуи ин миллат яканд ва оғози Рус аз Киев буду оғози Киев аз Маскав. Пас аз сад сол шояд мисли он, ки ман суғдинажод будани худро эътироф кардам, онҳо низ як миллат буданашонро ба гардан мегиранд. Ман ана ҳамин чизро ба Путину Зеленский фаҳмонданиам ва гуфтаҳои бузургони шумо “Бани одам аъзои якдигаранд, Ки дар офариниш зи як гавҳаранд”-ро ҳатман мегӯям, ки онро замоне Шайх Саъдӣ гуфта буд.

**- Хабарҳо баромаданд, ки канали Панамаро боз соҳибӣ кардан мехоҳед?**

- Алакай овоза карданд? Инро ман ҳамту барои шӯхӣ гуфтам. Аммо агар панамагиҳо нархномаи гузаштан аз каналро барои киштиҳои мо кам накунанд, ин эҳтимол дорад.

**- Яъне, боз ҳам дунёро ба зӯру камзӯр тақсим карданиед? Зӯр ҳамеша ҳақ аст ва барра аз поёноб об хӯрад ҳам, боз оби гурги болообро лой мекунад?**

- Не, чунин нею ба ҳар ҳол вақте ки гург об мехӯрад, беҳтар, ки барра худро канор гирад.

**- Ҳоло роҳбарони Аврупо низ хавотиранд, ки баъди ба курсии роҳбарӣ нишастан шояд аз ҳамкорӣ бо аврупоиҳо даст кашед...**

- Ҳар кас манфиати кишвари худу мардуми худро ҳимоя мекунад, ман ҳеҷ гоҳ манфиати амрикоиҳоро аз дигарон камтар нахоҳам гузошт. Яъне тавре мардуми шумо мегӯянд, “куртаи худам ба танам наздиктар аст”. Онҳо хавотир нашаванд, зеро онҳо низ “куртаи мананд”...

**- Ҷаноби президент, як саволи андак...**

- Шаф-шафатро як тараф мону шафтолуи гапро гӯ!

**- Шафтолуи гап ҳамин, ки аз рӯи гуфти расонаҳо шумо кам бошад ҳам, шароб менӯшед, аммо худ ин нӯшокиро он қадар наменописандед. Вале дар вазифаи вазири мудофиаи Амрико нафареро пешбарӣ кардед, ки расонаҳо ӯро шаробнӯш менависанд.**

- Ҳа, ту Пит Хегсетро дар назар дорӣ. Аммо бояд гӯям, ки ин генерал ҳарчанд номаш дар забони руси “Пит” - нӯшидан бошад ҳам, мардак барин ваъда кард, ки агар ӯро вазир монам, арақнӯширо тамоман бас мекунад...

**- Мухолифони шумо хавотиранд, ки мабодо дар вақти сархушӣ ягон тугмачаи...**

- Хавотир нашаванд, ҳамаи тугмаҳои зарурӣ дар дасти худам...

**- Шумо дар мусоҳибаи гузаштаамон ваъда карда будед, ки калимаи “рафиқ”-ро дар муоширати амрикоиҳо ҷорӣ мекунед...**

- Нашуд, сенат қабул накард. Инҳо рафоқатро намефаҳмидаанд ва ҳар кас танҳо худашро мебинад. Ин ягона ваъдаи ман буд, ки дар гузашта дода будаму иҷро нашуда монд...

**- Ҳоло ман аз мусоҳибае, ки соли 2016 ба “Тоҷикистон” дода будед, як иқтибосро айнан морам: “Албатта, пул ва медонед барои чӣ интихобкунандагон маҳз маро интихоб карданд? Чунки дигар ба ман пул лозим нест ва пулҳоямро агар нақдина кунам, чанд “Дулан”-и хитоӣ мешавад ва ман ҳаргиз хазинаи давлатро ҳам намедуздам... Албатта, ман ба Тоҷикистон меҳр дорам, хоса вақте ки шаҷарашиносон муайян карданд, ки ҳафтод пушт аз ин пеш гузаштагони мо аввал аз Суғд ба Ирландия ва баъд ба Амрико омадаанд. Суғдиҳо мисли ман сурхмӯю сурхабрӯ будаанд. Далели он Золи Зар аст”. Акнун бигӯед рафиқ Дона Туробович (шуморо дар Тоҷикистон баъзан чунин ном мебаранд), ки ҳоло ҳам дар чунин ақидаед?**

- На танҳо дар ҳамин ақидаам, балки боз сари ин масъала бозёфтҳои дигаре кардаам, ки инро баъдтар, пас аз ба иҷро даромадани ваколатам мегӯям.

**- Ҳамчунин ваъда дода будед, ки дар вақти тутпаз ба Тоҷикистон меоеду аз тутҳои Муъминобод лаззат мебаред...**

- Ин ваъдаро ҳатман ба ҷо меорам. Дар давраи гузашта нашуд, ин дафъа ҳатман иҷро мекунам... Вале ин бор бо эҳтиёт дасти Президентро мегирам, ки мабодо...

**- Раҳмат, аммо агар боз аз мусоҳибаи гузаштаамон ёдовар шавам, он вақт шумо гуфта будед, ки каллаи зард дар бебарқӣ чизи хуб асту хонаро равшан мекунад. Пас, шумо ҳоло ба мо даркоред, ки барқамон бо лимит аст...**

- Ман мақсадатро фаҳмидам, ки мехоҳӣ дар сохтмони неругоҳҳоятон кумак кунем. Инро ҳатман ба назар мегирем. Аммо ҳоло дар пеш Соли нави масеҳӣ аст ва мехоҳам аз минбари “Тоҷикистон” истифода бурда, ҳамаи тоҷикони чӣ беруну чӣ дарунро бо ин ҷашн табрик гӯям ва дар Соли нав барояшон хонаи гарму равшан ва саломатии рустамонаю дар зиндагиашон интихоби роҳи ростро таманно намоям.

Тоҷикистону “Тоҷикистон”, ба пеш! Соли наватон муборак, тоҷикони тамоми дунё!

*Як чизро ба хонандагон бояд гӯям, ки Трамп ва хусусан духтари ӯ Иванка оши палави тоҷикиро сахт дӯст медоранд ва ин бор низ мо бо шарофати дастони пурҳунари Иванка дар наздикии мақбараи панҷдоллара, мебахшед, Линколн, ин оши солинавиро якҷо тановул кардем...*

**Мусоҳиб: А. АҲМАДЗОДА**

### СОЛИ МОР БА МО ЧӢ МЕОРАД?

*• Субот дар ҷаҳон камтар хоҳад шуд.*
*• Миқдори низоъҳои ҳарбӣ зиёд мешавад.*
*• Нақши системаҳои роботии мудофиа бо истифодаи зеҳни сунъӣ афзоиш хоҳад ёфт (Украина дар ин раванд фаъолона иштирок мекунад).*
*• Хатарҳои бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ (ҳоло панҷ сол давом дорад) афзоиш меёбанд.*
*• Тамоюли рақамисозии ҳама чиз идома меёбад (Украина низ дар ин самт пешсаф аст).*
*• Зеҳни сунъӣ бо суръати баланд рушд мекунад, ки бисёриҳоро метарсонад.*
*• Танзим ва назорат дар бозори криптовалют шиддат мегирад.*
*• Норасоии оби ошомиданӣ меафзояд.*
*• Хатари бӯҳрони қарзӣ зиёд аст.*
*• Хатари бӯҳрони энергетикӣ баланд мемонад.*
*• Шумораи одамони солхӯрда афзоиш меёбад ва онҳо бештар ба шаҳрҳо мекӯчанд.*



# ДАР СОЛИ МОР МОРО ЧӢ ИНТИЗОР АСТ?

**Мувофиқи тақвими Шарқӣ рамзи соли 2025 Мор аст. Соли одамони зиндадил, шӯх ва қавиирода буда, хислати сол поквиҷдонӣ, ростӣ, заковат ва хирадмандӣ дониста мешавад. Ҳар нафари ба кори тоза иқдомкарда, дар ин сол, агар дар азмаш устувор бошад, ҳатман ба мақсад мерасад. Ҳамчунин, агар касе дар соли МОР ба танбаливу беаҳамиятӣ роҳ бидиҳад, имкони аз даст додани дастовардҳои чандинсолааш низ мавҷуд аст. МОР шитобкориро дӯст намедорад. Ҳар гуна амали манфӣ дар ин сол нобахшиданист ва паёмади нохуше ҳам дар пай дорад.**

### СИЁСАТ

Мувофиқи пешгӯиҳои коршиносон соли 2025 метавонад рӯйдодҳои ғайричашмдоштро дар ҷаҳон ба бор орад, ки ба иқтисод, технология ва экология таъсир мерасонанд. Тавре мутахассисони бонки бонуфузи Saxo Bank дар Дания пешгӯӣ мекунанд, дар соли нав рӯйдодҳои такондиҳандаи бахшро аз суқути доллар то чопи биологии қалби инсонӣ интизор шудан мумкин аст. Бозгашти Трамп ба қудрат метавонад иқтисодиёти ҷаҳонро ба куллӣ тағйир диҳад. Ҷорӣ кардани боҷҳои баланд ва маҳдудиятҳои нав боиси коҳиши эътимод ба доллар ҳамчун асъори эхтиётӣ мегардад. Ин иқтисодҳои ҷаҳонро маҷбур месозад, ки алтернативаҳоро ҷустуҷӯ кунанд ва вобастагии худро аз ИМА бозбинӣ намоянд. Мақомоти Чин метавонанд нақшаи бузурги тахрики иқтисодиро бо маблағи 50 триллион юан ҷорӣ кунанд. Ин бузургтарин қадами таърихӣ дар танзими молиявӣ мешавад, ки барои мубориза бо қарзҳои дохилӣ ва тахрики рушд равона шудааст.

Гузариш ба мошинҳои барқӣ метавонад талабот ба нафтро то сатҳи хатарнок коҳиш диҳад. Ин ба коҳиши нақши ОПЕК оварда мерасонад ва бозори энергетикаро тағйир медиҳад, то вобастагӣ аз сӯзишвории фоиданокро кам кунад.

### ПЕШГӮИҲОИ ВАНГА

Мувофиқи мақолае, ки чанде пеш дар The New York Post нашр шуд, Ванга соли 2025-ро ҳамчун соли рӯй додани фалокатҳои бузург дар Аврупо пешгӯӣ кардааст. Ба гуфтаи Ванга, инсоният то соли 5079 вуҷуд хоҳад дошт, аммо соли 2025 нуктаи ибтидоии тағйироти глобалии апокалипсисӣ хоҳад буд. Ванга ҳамчунин пешгӯӣ кардааст, ки дар соли 2028 инсоният ба омӯзиши сайёраи Зуҳра ҳамчун манбаи энергетикӣ оғоз мекунад. Аммо дар Замин равандҳои фалокатбор идома хоҳанд ёфт. Аз ҷумла, то соли 2033 ҳамаи пиряххо об мешаванд, ки ин боиси баландшавии сатҳи обҳои укёнусҳо мегардад.

### ПЕШГӮИИ СИТОРАШИНОС ТАТЯНА БОРШ

Астрологи машҳур Татяна Борш дар китоби «Соли Морчаи Чӯбин. Пешгӯии астрологӣ барои соли 2025» соли навро ҳамчун як давраи душвор тасвир мекунад. Ба гуфтаи Борш, соли 2025 на танҳо дар сиёсат, балки дар ҳаёти шахсии бисёриҳо тағйироти куллӣ хоҳад буд. Сиёсатмадорони кӯҳна аз вазифа рафта, ҷойро ба насли нав медиҳанд, ки ин барои ҷаҳониён фоидаовар хоҳад буд.

- Моҳҳои душвори соли 2025: январ ва феврал. Дар ин давра, бо иловаи ҳаракати барҷакси Марс (аз 6-уми декабри соли 2024 то 24-уми феврали соли 2025), Юпитер ва Сатурн низ дар ихтилоф қарор мегиранд. Ин омилҳо метавонанд ба ноором иҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон оварда расонанд. Ба гуфтаи астролог, бештар аз ҳама ИМА ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо зарар хоҳанд дид.

### ИҚТИСОДИЁТ

Дар соҳаи иқтисод Борш пешгӯӣ мекунад, ки вазъ дар ҷаҳон бадтар мешавад, аммо Русия таъсири камтар мебинад.

Дар минтақаҳое, ки қаблан обхезиҳо рух дода буданд, вазъ метавонад бадтар шавад. Баҳор ва тобистони соли 2025 бо офатҳои табиӣ, аз ҷумла сӯхторҳои васеъмиқёс, мушаххас хоҳанд шуд. Ин сӯхторҳо, бо таъсири Сатурн ва Нептун, ки дар давоми тобистон дар аломати оташини Ҳамал қарор мегиранд, аз солҳои қаблӣ шиддатноктар хоҳанд буд. Бо ором шудани таъсири сайёраҳо, дар нимаи дуюми сол ҳаёт тадриҷан ба ҳолати муътадил бармегардад.

### ТАНДУРУСТӢ

Дар соҳаи тиб пешрафти азим ба даст хоҳад омад: олимон бори аввал қалби инсонеро, ки бо биология мувофиқ аст, чоп мекунанд. Ин рӯйдод уфуқҳои навро дар табобати бемориҳо ва дароз кардани умри инсон мекушояд. Бо пешрафт дар технологияҳои навтарин, таҳияи ваксинаҳои зидди саратон дар соли 2025 метавонад табобат ва пешгирии бемориҳои вазнинро ба сатҳи комилан нав барорад.

### ДАР СОЛИ МОР АЗ КАДОМ БЕМОРИҲО БОЯД ЭҲТИЁТ ШУД?

Мори обӣ бештар ба бемориҳои вирусӣ ва узвҳои даруни вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми истеъмоли хӯрок дар тарабхонаю қаҳвахонаҳо эҳтиёт бошед. Азбаски Мор хазандаи серҳаракат аст, ин неру дар Соли Мори сиёҳи обӣ ба одамон низ мегузарад. Аз ҳад зиёд бетанаффус кор кардан ба дил зарари зиёд дорад, аз ин рӯ, бештар ба тарзи ҳаёти солим майл кунед. Агар гурда, ҷигар ё меъдаатон нуқси аз назари худатон на он қадар ҷиддӣ ҳам дошта бошад, аз пайи табобат шавед. Нафароне, ки аз бефарзандӣ азият мекашанд, имсол метавонанд соҳиби фарзанд гарданд.

### ИШҚУ МУҲАББАТ

Мор дар ҷодаи муҳаббат махлуқи бисёр ҳам бовафост. Табиатшиносон мегӯянд, ки агар ҷуфти морро касе баркасд кушад, ошиқ-мор албатта ӯро ёфта, захр мезанад. Яъне, ба ҷойи хун хун мегиранд, аз ин рӯ, дар ишқу муҳаббат бовафо бошед, кӯшиши фанду фиреб намудани касеро ҳатто ба гӯшаи хотир наоред, ки аҳволатон бад хоҳад шуд.

Мор рамзи покию муҳаббати беҳудуд аст ва барои онҳое, ки мақсади издивоҷ доранд, ин сол беҳтарин сол барои расидан ба орзуяшон мебошад. Мор хазандаи хеле зираку доност, ҳатто пай мебарад, ки ҳайвон ё инсони ба сӯйи ӯ омадаистода дар дилаш чӣ мақсад дорад.

Таҳияи
Н. РАҶАБОВА

# РИСОЛАИ ГУМГАШТАПАЙДОИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ

**Абдулқодир Муҳиддинов яке аз чеҳраҳои дурахшони миллати тоҷик дар оғози асри XX мебошад. Ӯ нафарест, ки дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ барои ҳастии миллати тоҷик ва таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои зиёде намудааст. Ҳамчунин, Абдулқодир Муҳиддинов нафарест, ки дар бораи Тоҷикистон нахустин рисоларо таълиф намудааст. Ин рисола то имрӯз ба аҳли таҳқиқ номаълум буд. Хушбахтона, он ба қарибӣ пайдо шуд ва бори нахуст тариқи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" муаррифӣ мешавад.**



*Зиндагиномаи мухтасари Абдулқодир Муҳиддинов чунин аст:*

Абдулқодир Муҳиддинов соли 1892 дар Бухоро дар оилаи тоҷири калони пӯсти қароқул ва пахта, соҳиби фабрика, миллионер Муҳиддин Мансуров (Муҳиддини Мансурзода) таваллуд ёфтааст.

Соли 1918 ба Русия сафар карда, феврали соли 1919 дар шаҳри Москва узви Ҳизби коммунист мешавад. Сипас ба Тошканд баргашта, чун ваколатдори Комиссариати халқии миллатҳои ҶШФСР ва узви коллегияи Комиссариати халқии миллатҳои ҶМШС Туркистон интихоб мегардад. Солҳои 1924-1926 А. Муҳиддинов чун ҷонишини раиси Кумитаи Инқилоби ҶМШС Тоҷикистон (яъне Сарвазири кишвар), солҳои 1926-1928 раиси Шӯрои Комиссарони Халқии ҶМШС Тоҷикистон, 1928-1931 намояндаи доимии ҶМШС Тоҷикистон дар Шӯрои Осиёимиёнагии иқтисодӣ (ЭКОСО) дар Ӯзбекистон кор кардааст. Қабл аз ҳабс шудан ҷонишини Комиссариати халқии ИҶШС оид ба таъминоти Осиёи Миёна шуда кор кардааст. Якуми январи соли 1934 дар маҷлиси комиссияи КМ ВКП (б), ки тахти раёсати Н. Бауман, иштироки Бройдо ва Абдулло Раҳимбоев, намояндаи ОГПУ-и Осиёи Миёна гузашт, парвандаи Абдулқодир Муҳиддинов чун узви «Кумитаи ташкилоти ақсулинқилобӣ»-и «Иттиҳоди Шарқ» дида баромада шуд. Бо қарори ОГПУ аз 31-уми майи соли 1937 чун «миллатчигии буржуазӣ» ба қатл расид. 25-уми январи соли 1958 аз ҷониби мақомоти дахлдор бегуноҳии ӯ собит гардид.

### БО ҚАЛАМ ДАР ҲИМОЯИ МИЛЛАТ

Абдулқодир Муҳиддинов дар баробари ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ будан публитсисти тавоно низ буд. Ӯ аз замони наврасӣ (16-солагӣ) бо имзои мустаори «Бухороӣ» дар рӯзномаи «Вақт» силсилаи мақолаҳо навиштааст, ки дар онҳо рӯзгори тираи Бухоро инъикос шудааст. Баъди пайвастан ба сафи Ҳизби коммунист А. Муҳиддинов фаъолияти публитсистиро идома дода, муҳаррири рӯзномаи «Кутулуш» - органи ҲК Бухоро буд. Миёни навиштаҳои Абдулқодир Муҳиддинов мақолаҳои ӯ «Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ» («Тоҷикистони сурх», 1929), «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак?» («Раҳбари дониш», 1928, №8, «Тоҷикистони сурх», 1928, №12) дар замони хеш рисолати бузурге иҷро карда, то имрӯз аҳамияти илмиашон коста нашудааст.

А. Муҳиддинов дар баробари он ки худ дар дифои миллати тоҷик пайкор мекард, равшанфикрони ҳамзамонашро низ ба ин кор талқин менамуд. Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар асараш "Фитнаи инқилоб дар Бухоро" (с. 146) дар ин маврид менависад: "Яке аз нахустин корҳое, ки А. Муҳиддинов ба унвони Сарвазири Тоҷикистон кард, ин буд, ки ба устоди худаш Садриддин Айнӣ супориш дод, ки "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро тартиб бидиҳад, то мавҷудияти халқи тоҷик ва таърихи тӯлонии забону адабиёт ва фарҳанги ӯ исбот шавад". Ин нуктаро худи устод Айнӣ ҳам дар асарҳояш зикр кардааст.

Абдулқодир Муҳиддинов дар баробари фарзонафарзандони миллат чун Нусратулло Махсум (1881-1938), Шириншоҳ Шоҳтемур (1889-1938), Абдураҳим Ҳоҷибоев (1900-1938), Нисор Муҳаммад (1897-1937), Аббос Алиев (1899-1958), Чинор Имомов (1898-1939) барои таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва баъдан Тоҷикистони Шӯравӣ талошҳои зиёде кардааст.

### БАҲСИ РИСОЛАИ АБДУЛҚОДИР МУҲИДДИНОВ

**Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китобаш "Фитнаи инқилоб дар Бухоро" (с. 52) менависад: "Абдулқодир Муҳиддинов аз зиёёни сиёсии тоҷик якумин касе буд, ки дар бораи таърихи халқи тоҷик китоб навиштааст. Китоби ӯ дар бораи таърихи Бухоро дар рӯзномаи ӯзбакии "Бухоро ахбори" ба забони тоҷикӣ дунболадор чоп шуда буд". Вале то имрӯз ин асар барои пажӯҳишгарон номаълум аст.**

Дар такя ба ин суханони М. Шакурӣ чанд сол қабл донишманди тоҷик Субҳони Аъзамзод навишт: "Яке аз сифатҳои асосӣ ва хоси мақомоти раҳбарии тоҷик дар зарфи сад сол - аз замони таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз таваҷҷуҳ ба таърихи халқ ва таълифи асарҳо дар заминаи гузаштаи пурифтихори миллати худ махсуб мешавад. Тибқи шаҳодати манбаъҳо Абдулқодир Муҳиддинов аз байни роҳбарони Тоҷикистон аввалин нафарест, ки дар заминаи таърихи Бухоро асар эҷод кардааст. Он замон Нусратуллоҳи Махсум, Шириншоҳи Шоҳтемур, Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев чунин иқдоми шоистаро доштаанд...". Вақте ин нигоштаи С. Аъзамзод дар "Фейсбук" нашр шуд, боиси баҳсу мунозираҳо гардид ва чанде аз муаррихон рисолаи таърихӣ доштани Абдулқодир Муҳиддиновро рад карданд.

Чанде пеш дӯсти донишмандам, муаррихи ҷавону пуркор Бахтовар Темирзода ба банда мужда расонид, ки китоби Абдулқодир Муҳиддиновро пайдо кардааст. Банда он китобро аз Бахтовар Темирзода бо мақсади муаррифӣ дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" гирифтам.

### ШИНОСОӢ БО КИТОБ

Рисоли Абдулқодир Муҳиддинов **"Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Октябр чӣ дод?"** ном дошта, соли 1927 бо супориши "Комиссияи ҷашни даҳсолаи октябр"-и назди Маркази Иҷроияи Тоҷикистон навишта шудааст. Дар муқоваи китоб шиори "Пролетарҳои тамоми дунё як шавед!" оварда шуда, ношири он "Нашриёти давлатии Тоҷикистон" ва маҳали нашраш "Душанбе-Самарқанд" арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, дар муқоваи китоб аксе аз ҷараёни Инқилоб нашр шуда, таъкид шудааст, ки асар "Аз тахти назорати ҳайати таҳририяи Нашриёти давлатии Тоҷикистон гузашт".




Китоби мазкур дар чопхонаи "МАТБУГАТ"-и шаҳри Тошканд бо теъдоди 3070 нусха нашр шудааст. Китоб аз 62 саҳифа ва муқова иборат аст.

Ба китоб аз номи Комиссияи ташкилкунандаи "Иди даҳсолаи октябр" дар Тоҷикистон сарсухан навишта шуда, дар он зикр гардидааст, ки рисолаи мазкур ба муносибати 10-солагии Инқилоби Октябр нашр мешавад.

Ҳамчунин, дар ҷилди ин китоб номгӯйи китобҳои тоҷикии аз тарафи Нашриёти давлатии Тоҷикистон чопшуда ва дар мағозаҳо пахншуда оварда шудааст, ки маълумоти бисёр нодири таърихӣ мебошад. Тибқи ин ҷадвал Нашр.дав.Тоҷ. то соли 1927 19 номгӯйи китобҳои дарсӣ, 6 номгӯй адабиёти нафиса, 12 номгӯй китобҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва 10 номгӯй китобҳои ҳифзуссиҳа (тандурустӣ) чоп шудааст.

Ҳамчунин, дар ин китоб 4 акси нодир низ нашр шудааст, ки рӯзгори тоҷиконро дар оғози солҳои 20-ум бозгӯйӣ мекунад. Нархи ин китоб бо пули замони худаш 40 копейк будааст.

### ОШНОӢ БО МУҲТАВОИ РИСОЛА

Рисолаи Абдулқодир Муҳиддинов "Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Октябр чӣ дод?" аз 3 боб иборат аст.

**Боби якуми он "Инқилоби октябр"** ном дошта, аз 6 зербоб иборат аст: *"Сабабҳое, ки дар Русия инқилоби иҷтимоиро ҳозир намуд", "Ҳаракати инқилобии соли 1905", "Ҷанги умумӣ ва аз тахт афтодани императори Русия", "Роҳбарии фирқаи иштирокчиён дар бобати "Инқилоби Октябр" ва афтодани ҳукумати муваққатии бойҳо ва барпо шудани ҳукумати шӯроӣ", "Хулосаи тезиси рафиқ Ленин дар бобати "Вазифаи ранҷбар дар Инқилоб" ва "Ранҷбарӣ ба сари ҳукумат"*. Дар ин бахш, тавре аз унвони зербобҳо бармеояд, муаллиф доир ба заминаҳои Инқилоби Октябр ва ҷараёни падид омадани он маълумоти мухтасари таърихӣ медиҳад. Албатта, бардоштҳо ва таҳлилҳои ӯ аз нуктаи назари замон сурат гирифтааст.

**Боби дуюми рисола "Инқилоби Бухоро"** ном гирифта, аз 7 зербоб иборат аст: *"Ҷанги соли 1868 ва тобеъ шудани Бухоро ба Русия", "Асос ва усули ҳукуматдории амир", "Инқилоби феврал дар Русия ва таъсири он дар Бухоро", "Ҳувалмустаъон", "Инқилоби Октябр дар Русия ва воқеаи Колесов дар Бухоро", "Баъд аз воқеаи Колесов аҳволи амири Бухоро ва фаъолияти ҷавонбухороиён", "Фаъолияти ҳукумати шӯроиш халқи Бухоро ва ақсулинқилоб"*. Дар ин боб муаллиф А. Муҳиддинов дар бораи аҳволи Бухоро дар охири асри 19 ва ибтидои асри 20 маълумот дода, воқеаҳои муҳими то суқути ҳукумати амирӣ ва ба мақом расидани ҳукумати нав - ҳукумати Инқилобиро мухтасар баён кардааст.

**Боби сеюми рисола "Ҷумҳурияти Тоҷикистон"** аз зербобҳои зерин иборат аст: "Аҳамияти Ҷумҳурияти Шӯроии Тоҷикистон", "Замин ва мардуми Ҷумҳурияти Тоҷикистон", "Барпо шудани Ҳукумати Ҷумҳурияти Шӯроии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии он", "Дар роҳи барпо намудани амнияти мамлакат", "Намуна аз хатоҳои босмачиҳо", "Дар роҳи истеҳкоми додани ҳокимияти ранҷбарони ҳокимияти шӯроӣ", "Дар шӯрои ҷамоатҳо", "Дар иҷроияҳои туманҳо", "Дар роҳи беҳбудии аҳволи иқтисодии омма ва ба даст овардани маданият", "Доир ба киштӣ обӣ", "Муҳоҷирати дохилӣ", "Пахтакорӣ", "Қарз ба деҳқонон", "Асбоби деҳқон", "Мадад ба таҷрибаи деҳқонӣ", "Кори пилла-абрешим", "Чорводорӣ", "Лалмикорӣ", "Таъмин намудани омма ба матои фабрика", "Дурустии роҳҳо", "Мухобара", "Корҳои ҳифзусиҳат", "Маориф", "Миқдори мактабҳои ибтидоӣ дар соли 1927", "Миқдори мактабҳои равшаннамоӣ-сиёсӣ", "Кори Нашриёти давлатии Тоҷикистон" иборат аст.

Тавре аз номи зербобҳо бармеояд, Абдулқодир Муҳиддинов дар бораи Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Тоҷикистон ва ҳамаи соҳаҳои ҳаёти халқи он маълумоти мухтасари таърихӣ додааст.

### НИГОҲЕ БА БАРХЕ АЗ НУКОТИ РИСОЛА

Рисолаи Абдулқодир Муҳиддинов "Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Октябр чӣ дод?" нахустин китоб дар бораи Тоҷикистон ҳамчун давлат мебошад ва аз ҳамин нуктаи назар арзиши баланди илмӣ дорад.

**(Давомаш дар саҳ. 11)**

# Соли 2025 иқтисоди Тоҷикистонро чӣ интизор аст?

# БУРДУ БОХТИ 2024



**Пас аз чанд рӯз соли 2024-ро бо ҳама бурду бохташ падруд мегӯем ва соли нави 2025-ро пешвоз мегирем. Табиист, ки ҳар кас аз дидгоҳи худ соли равонро таҳлилу хулосабарорӣ мекунад. Яке аз дастовардаш меболаду дигаре афсӯси он мехӯрад, ки бохт дид ё вақтро бесамар гузаронд. Соҳаҳои мухталиф низ чунинанд. Дар фазои иқтисоди Тоҷикистон соли 2024 чӣ гузашт? Соли 2025 моро чӣ интизор аст? Зеро асоси пешрафти ҳама самт ба иқтисодиёт иртибот мегирад.**

## АФЗОИШИ СОДИРОТУ САНОАТ ДАР РАҚАМ

Ба андешаи соҳибназарон, соли 2024 иқтисоди Тоҷикистон дар сатҳи рушд қарор дошт. Махсусан, дар ин сол корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, ки бештар маҳсулоти ивазкунанда ҳастанд, мавриди истифода қарор гирифтанд. Содирот низ дар ин сол чашмрас будааст. Тавре маълумот дастрас кардем, танҳо соли равон содироти либосу пойафзол аз Тоҷикистон ба Русия тақрибан 5 баробар афзоиш ёфтааст. Тибқи гузориши намояндагии тиҷорати Русия дар Душанбе, аз моҳи январ то октябри соли 2024 интиқоли маҳсулоти нассоҷӣ ва пойафзол аз Тоҷикистон ба Русия беш аз 4,5 маротиба зиёд шуд. Ин гурӯҳи мол қариби 40%-и ҳаҷми умумии содирот аз Тоҷикистон ба Русияро ташкил медиҳад. Ҳол он ки, соли гузашта ин нишондод ҳамагӣ ба 6,4% баробар будааст.

Умуман, давоми хашт моҳи соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 30,8 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 13,2 фоиз зиёд мебошад.

Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон мегӯяд, ки омили асосии рушди суръати соҳаи саноат асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ - 23,7 фоиз, саноати коркард - 6,7 фоиз, таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии хаво - 1,2 фоиз, таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва маҳсулоти дуюмдараҷа - 1,7 баробар мебошад.

Ба андешаи коршиносон, саноат яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди мамлакат ба ҳисоб меравад. Рушди он ба пешрафти бахшҳои дигари иқтисодиёт замина фароҳам меорад.

## СОҲИБКОРӢ ДАР РАҚАМ

Бахши дигари иқтисодиёти кишвар рушд ва дастгирии соҳибкорон мебошад. Имсол омор нишон медиҳад, ки теъдоди соҳибкорон афзоиш ёфтаанд. Ҳоло дар Тоҷикистон 368 ҳазор субъекти хоҷагидорӣ фаъолият мекунанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023-юм 13,7 ҳазор субъект зиёд мебошад. Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки аз инҳо 50,4 ҳазор соҳибкор тибқи патент, 36,7 ҳазор нафар бо шаҳодатнома, 60,4 ҳазор соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолият намуда, 179,6 ҳазор соҳибкори инфиродӣ дар хоҷагии деҳқонӣ кор мекунанд.

Аз ин шумора 327 ҳазору 106 нафарро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 12 ҳазору 598 адад зиёд аст.

То 1-уми октябри имсол аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор шахсони ҳуқуқии фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ 40 ҳазору 883 нафарро ташкил намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 1183 нафар зиёд мебошанд.

Таҳлилгарон ба ин назаранд, ки яке аз омилҳои афзоиши соҳибкорон имтиёзҳои давлат маҳсуб меёбад. Ба таври мисол, соли равон парлумони Тоҷикистон созишномаи Ҳукумати кишвар бо ширкати «Арвис»-ро ҷонибдорӣ кард ва аз имтиёз бархӯрдор шуд. Ширкати «Арвис» барои таъсиси корхонаи коркарди пахта ва ба даст овардани марҳилаи ниҳоӣ дар маҷмӯъ ҳудуди 600 млн сомониро равона хоҳад кард. Силсилаи корхонаҳо дар ду марҳила татбиқ мешаванд. Гуфта мешавад, ки фаъолсозии корхонаҳо барои таъсиси зиёда аз 2000 ҷойи кори доимӣ ва то 1500 ҷойи кори мавсимӣ замина мегузорад.

## ИМТИЁЗ БА ХОТИРИ ЧӢ?

Дар соли 2024 Тоҷикистон барои дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар рушди саноат имтиёзҳои андоз ва гумрукиро идома додааст. Манфиатҳои асосӣ инҳоянд:

1. Имтиёзҳои андоз барои корхонаҳои соҳаҳои афзалиятнок, аз қабили истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нассоҷӣ, истеҳсоли кимиё, дорусозӣ, таҷҳизоти резинӣ ва пластикӣ, барқӣ, технология ва электроника, инчунин соҳаи тандурустӣ ва иҷтимоӣ.

2. Имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти ашёи хом ва таҷҳизот барои корхонаҳое, ки ба воридотивазкунӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, ширкатҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ҳақ доранд, ки боҷҳои гумрукиро кам кунанд.

3. Коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ - имтиёзҳо аз роҳҳои оҳани Тоҷикистон то 80% барои ҳамлу нақли бор, ки хароҷоти логистикиро барои содиркунандагон ва воридкунандагон дар дохили кишвар осон мекунад.

4. Имтиёзҳо барои сармояи хориҷӣ - барои корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ, махсусан барои ширкатҳое, ки ба навсозӣ ва рушди саноат маблағгузорӣ мекунанд.

Чунин имтиёзҳо ҳадафи стратегии саноатикунонии Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ва ҷалби сармоя мусоидат мекунанд.

## ДАР БОЗОР ЧӢ ГАП?

Аммо соли 2024 дар бозорҳои Тоҷикистон болоравии нархи маҳсулоти ғизоӣ ба мушоҳида расид. Махсусан, гӯшту тухм ва дигар анвои асосии рӯзгор якбора қимат шуд. Аз ҷумла, як кг гӯшт аз 70-80 сомонӣ якбора ба 100-120 сомонӣ дакка хӯрд. Аҷиб, дар шабу рӯзи болоравии нархи гӯшт масъулин гуфтанд, ки саршумори чорво дар Тоҷикистон аз талабот бештар аст, аммо дар бозор ранг бину ҳол пурс. Таваҷҷуҳ кунед ба ин рақам: то 1-уми июли соли 2024 саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо ба 2 миллиону 705,7 ҳазор сар расид. 100,1 ҳазор сар ё 3,8% зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аст.

Саршумори гӯсфанду буз 7 миллиону 089,7 ҳазор сарро ташкил дод, ки ин ҳам 478,6 ҳазор сар ё 7,3% зиёд шудааст. Аммо нархи гӯшт дар бозорҳо ба осмон дакка хӯрду маъмурияти бозорҳо дар пешгирии он оҷиз монданд. Дуруст, ки гӯшт дар таблоҳои фурӯш 60-70 сомонӣ нишон дода шуда, аммо дар бораи сифату муносибати харидор ҳоҷати гап нест. Фурӯшандаҳо иддао мекунанд, ки сабаби асосии болоравии нархи гӯшт гарон шудани нархи чорво ва хӯроки чорво аст. Аммо масъулин сабаби гарон шудани нархи гӯшт дар бозорҳоро ба зиёд шудани талаботи аҳолӣ рабт медиҳанд. Машокир Назарзода, муовини вазири кишоварзӣ дар ин робита изҳор намуд, ки сол ба сол теъдоди аҳолӣ зиёд ва талабот ба гӯшт афзоиш меёбад.

## РУБЛ ПАСТ ШУДУ МУҲОҶИРОН ЗЕРИ ФИШОР

Муҳоҷират низ ба рушди иқтисоди кишвар бетаъсир нест. Зеро маҳз муҳоҷирон таъминкунандаи рӯзгоранд ва имрӯз ягон оилае нест, ки пайвандонаш дар муҳоҷират набошанд. Аммо дар соли равон бинобар фишори мақомот аз болои муҳоҷирон, афзоиши раванди ихроҷи онҳо ба кишвар, коҳиши интиқоли маблағ ба мушоҳида расид. Ба замми ин, арзиши рубл нисбат ба сомонӣ хеле паст рафт: 1000 рубл аз 140 сомонии чанд моҳ пеш якбора ба 100-105 сомонӣ баробар шуд. Аммо доллар бошад, баръакс, 100 доллар аз 1050-60 сомонӣ якбора ба 1095-1100 сомонӣ расид.

## ПЕШНИҲОДИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Бонки Ҷаҳонӣ дар гузориши тоза бо номи “Иқлим ва рушди Тоҷикистон” гуфтааст, ки агарчи модели ҳозираи рушди иқтисодии Тоҷикистон то кунун натиҷа додааст, вале акнун ба ҷое расидааст, ки дигар наметавонад иқтисодро ба пеш ҳаракат диҳаду зиндагии мардумро беҳтар кунад. Дар ин гузориш омадааст, ки суръати миёнаи тавлидоти ноҳолиси миллӣ аз соли 2000-ум то соли 2023-юм 7 дар садро ташкил додааст. Сатҳи камбизоатӣ аз 30 дар сади соли 2003 тақрибан ба 11 дарсад дар соли 2023 расидааст.

Ба гуфтаи муаллифони Бонки Ҷаҳонӣ, модели рушди иқтисодии Тоҷикистон ба ҳадди ниҳоии худ расидааст ва агар тағйир дода нашавад, суръати афзоиши тавлидоти ноҳолиси миллӣ солона аз 4,5 то 4 дар сад суст мешавад.

Бонки Ҷаҳонӣ мегӯяд, Тоҷикистон имконоти пешрафти зиёдтар дорад. Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”-ро як василаи муҳиме барои рушди ояндаи иқтисоди Тоҷикистон номида, гуфта мешавад, ки дар сурати баҳрабардории комил аз он дар соли 2034, иқтисоди кишвар комилан дигаргун мешавад. Албатта, чунин тавсияҳо ҳамасола аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои молӣ ба Тоҷикистон дода мешаванд.

Бо умеди пешрафти иқтисоди кишвар дар соли 2025!

Соли нав муборак!

**Усмон РАҲИМЗОДА**




# 24 ЛАҲЗАИ СОЛИ 2024

**Соли 2024 ҳам ба поён расид ва соли 2025 дарвоза мекӯбад. Соле, ки гузашт, дар тақвими Тоҷикистон лаҳзаҳои хотирмонеро сабт намуд, ки 24-тои онро ёдоварӣ мекунем.**

### 1. "ДАҲСОЛАИ ТАҲКИМИ СУЛҲ"

24-уми сентябри соли 2024 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар минбари СММ бо мақсади таҳкими сулҳу суботи ҷаҳонӣ пешниҳод намуд, ки қатъномаи "Даҳсолаи таҳкими сулҳ" қабул карда шавад.

### 2. ХАТИ МАРЗ МУАЙЯН ШУД

Пас аз чанд соли гуфтушунид ва музокираҳо, хати марзи Тоҷикистон ва Қирғизистон дар моҳи декабри соли 2024 пурра муайян шуд. Ин натиҷаи ҳамкориҳои доимии ҳайатҳои марзии ду кишвар ва як қадами муҳим барои таҳкими амният дар минтақа аст.

### 3. МУАРРИФИИ КИТОБИ «ТОҶИКОН» ДАР КУВАЙТ

4-уми ноябри соли 2024 маросими муаррифии китоби «Тоҷикон» дар Кувайт баргузор шуд. Тарҷумаи арабии китоби «Тоҷикон»-ро донишманд Иброҳими Истанбулӣ анҷом дода, он аз ҷониби Сафорати Тоҷикистон дар Давлати Кувайт рӯи чоп омад.

### 4. ТАЪСИСИ 30 000 ҶОЙИ КОРӢ

Дар соли 2024 Тоҷикистон ба таъсиси зиёда аз 30 000 ҷойи корӣ бо мақсади коҳиш додани бекорӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдаст, муваффақ шуд.

### 5. ГУЗОШТАНИ НИМПАЙКАРАИ РӮДАКӢ ДАР ОЛМОН

Дар соли 2024 бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нимпайкараи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Британияи Кабир гузошта шуд. Ин иқдом ҳамчун нишони эҳтиром ба мероси фарҳангии тоҷикон ва тавсеаи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо арзёбӣ мешавад.

### 6. БАРҚАРОР КАРДАНИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ВОРИД КАРДАНИ ОНҲО БА ФЕҲРИСТИ ЮНЕСКО

Дар соли 2024 Тоҷикистон 12 ёдгории таърихии Хутали Қадимро барои ворид шудан ба Феҳристи умумибашарии ЮНЕСКО пешниҳод намуд. Ҳамчунин, дар поёни сол чашни “Меҳргон” ва “Санъати сохту навохтани рубоб” ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид шуданд.

### 7. БАРҚАРОР КАРДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ

Дар моҳи сентябри соли 2024 бори нахуст Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Намибия ва Гвинея-Бисау Баёнияи муштарак оид ба барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ имзо кард.

### 8. ДАСТОВАРДҲОИ ВАРЗИШИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Варзишгарони тоҷик дар соли 2024 дар мусобиқаҳои байналмилалӣ 13 медал, аз ҷумла 4 медали тилло, 5 медали нуқра ва 4 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

### 9. МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ГРАН-СЛАМИ ДУШАНБЕ-2024»

Душанбе бори аввал мизбони мусобиқаи байналмилалии «Гран-Слами Душанбе-2024» оид ба дзюдо гардид. Ин ҷорабинӣ бо дастгирии Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Федератсияи байналмилалии дзюдо дар моҳи майи соли 2024 баргузор шуд.

### 10. КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОБ

Душанбе мизбони Конференсияи дуюми сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» гардид, ки дар он дипломатияи об ва масъалаҳои муҳими оби кишварҳои минтақа ва ҷаҳон баррасӣ шуданд.

### 11. ИФТИТОҲИ БИНОҲОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ ВА ИҶТИМОӢ

Ба хотири баланд бардоштани сифати таълим ва беҳтар кардани шароити зиндагии мардум як қатор биноҳои нави таълимӣ, хидматрасонӣ ва соҳаи иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифт. Дар давраи соли 2024 зиёда аз 100 бинои таълимӣ дар кишвар ба истифода дода шуд.

### 12. ИФТИТОҲИ НИМПАЙКАРАИ АБАЙ КУНАНБОЕВ

21-уми августи соли 2024 дар боғи фарҳангиву фароғатии “Фирдавсӣ”-и шаҳри Душанбе нимпайкараи Абай Кунанбоев, шоири маъруфи қазоқ бо иштироки намояндагони ду кишвар гузошта шуд, ки барои рушди ҳамкориҳои фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим аст.

### 13. РАВОДИДИ ДУҶОНИБА

Дар соли 2024 Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони 25 кишвар низоми бераводиди яктарафаи вуруду будубош дар Тоҷикистон ба муҳлати 30 рӯзро ҷорӣ кард. Ба ҳамин тартиб, якчанд кишвар низ ба шаҳрвандони Тоҷикистон раводидҳои бепул ё имтиёзнок доданд. Аз ҷумла Қатар, Эрон, Малдив, Италия (барои дорандагони шиносномаи дипломатӣ), Арабистони Саудӣ (барои дорандагони шиносномаи дипломатӣ), Покистон (ду намуд виза - сайёҳӣ ва кориро барои шаҳрвандони Тоҷикистон ройгон кард).

### 14. АФЗОИШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Дар соли 2024 буҷети давлатӣ 42,956,463 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардид, ки ин 13% зиёдтар аз буҷети соли 2023 мебошад.

### 15. ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ

Тоҷикистон дар маросими "Top Asia Awards 2024" 3-юми декабр ҷоизаи "Кишвари дорои манзараҳои беҳтар"-ро ба даст овард.

### 16. ҶОИЗАҲОИ ФАРҲАНГӢ

Филмҳои тоҷикии "Дар талоши ҳақиқат" ва "Дов" дар фестивалҳои байналмилалӣ дар соли 2024 сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

### 17. ТОҶИКИСТОН ВА НИШАСТҲОИ САРОНИ ДАВЛАТҲО

Дар соли 2024 Тоҷикистон мизбони як қатор нишастҳои муҳим буд, ки сарони кишварҳо ва намояндагони баландпоя ширкат карданд. Аз ҷумла: Нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ (ду маротиба), нишасти сарони кишварҳои Созмони Милали Муттаҳид (дар ҳошияи иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ, сентябр), нишасти сарони кишварҳои ИДМ.

### 18. ИФТИТОҲИ БИНОИ ПАРЛАМЕНТ ВА ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН

5-уми июли соли 2024 маросими ифтитоҳи расмии биноҳои нави Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Ин биноҳо бо маблағгузории Ҷумҳурии мардумии Чин сохта шудаанд.

### 19. ИҶРОИ ЛОИҲАҲОИ ИНФРАСОХТОРӢ

Дар соли 2024 дар Тоҷикистон чандин лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла корҳо дар неругоҳи «Роғун» бо сарфи 5,2 миллиард сомонӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои БРИКС амалӣ гардиданд.

### 20. ГИРОМИДОШТИ РӮЗИ МАВЛОНО ДАР ЮНЕСКО

6-уми июни соли 2024 дар қароргоҳи ЮНЕСКО - шаҳри Париж ҳамоиши байналмилалии «Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва саҳми ӯ дар густариши фарҳанги ҷаҳонӣ» баргузор шуд. Ҳадаф аз баргузории ин ҳамоиш пос доштани хотираи Мавлонои Балхӣ ва эътирофи саҳми безаволи ӯ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ буда, дар он олимону донишмандон аз тамоми гӯшаю канори олам ҷамъ омадаанд.

### 21. РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ

Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми май аз тарафи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Рӯзи ҷаҳонии футбол эълон гардид.

### 22. ТОҶИКИСТОН МЕҲМОНУ МИЗБОНИ РӮЗҲОИ ФАРҲАНГӢ

Дар соли 2024 Тоҷикистон мизбони Рӯзҳои фарҳангии кишварҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қатар, Туркманистон ва Федератсияи Русия буд. Ҳамчунин, Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар кишварҳои Арабистони Саудӣ, Кувайт, Чин, Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардиданд.

### 23. ТАЪСИСИ 34 МУАССИСАИ ТИББӢ

Дар соли 2024-ум 34 муассисаи тиббии нав дар Тоҷикистон бо маблағи умумии 44,1 миллион сомонӣ ба истифода дода шуданд. Ин иқдом бо мақсади беҳтар кардани дастрасии мардум ба хизматрасонии тиббӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар роҳандозӣ гардида, дар ҳалли мушкилоти саломатии аҳолӣ нақши муҳим бозид.

### 24. РОҲАНДОЗИИ ПАРВОЗҲОИ МУСТАҚИМ ВА ХАТСАЙРҲОИ НАВ

Дар соли 2024 дар Тоҷикистон хатсайрҳои дохилии сайёҳӣ дар Душанбе, хатсайри автобуси Олмалик-Хуҷанд, инчунин парвозҳои нави байналмилалии Душанбе-Давҳа ва Душанбе-Риёз роҳандозӣ шуданд.

**Таҳияи С. УБАЙДУЛЛО**

**Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон (АЖРВТ) даҳ варзишгари беҳтарини соли 2024-ро эълон кард.**

Ба иттилои раиси АЖРВТ Нарзулло Латипов, бар асоси натиҷагирии назархоҳии хабарнигорони варзишӣ ба даҳгонаи беҳтаринҳои сол намояндагони чор намуд - бокс, ҷудо, гӯштини озод ва самбо дохил шуданд.

“Паҳлавони маъруфи тоҷик Сомон Маҳмадбеков, ки дар Олимпиадаи Париж-2024 ва чемпионати имсолаи ҷаҳон дар шаҳри Абузабии Аморoти Муттаҳидаи Араб дар риштаи ҷудо дар вазни то 81 кило медали биринҷӣ гирифт, беҳтарин варзишгари соли 2024 дониста шуд”,- иброз дошт раиси АЖРВТ Нарзулло Латипов.



# 10 ВАРЗИШГАРИ БЕҲТАРИНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2024

**Рӯйхати даҳ варзишгари беҳтарини сол:**



**Сомон МАҲМАДБЕКОВ**

*(ҷудо)* барандаи медалҳои биринҷии Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж-2024 ва Чемпионати ҷаҳон дар шаҳри Абузабии Аморoти Муттаҳидаи Араб дар вазни то 81 кг



**Виктор РАССАДИН**

*(гӯштини озод)* - барандаи медали нуқраи Чемпионати Осиё дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон дар вазни то 74 кг



**Темур РАҲИМОВ**

*(ҷудо)* - барандаи медали биринҷии Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж-2024 дар вазни +100 кг



**Парвиз КАРИМОВ**

*(бокс)* - барандаи медали нуқраи Чемпионати Осиё дар шаҳри Чиангмайи Тайланд дар вазни то 92 кг



**Давлат БОЛТАЕВ**

*(бокс)* - барандаи медали биринҷии Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж-2024 дар вазни то 92 кг



**Эмомалӣ НУРАЛӢ**

*(ҷудо)* - барандаи медали тиллои “Tashkent Grand Slam 2024” дар вазни то 66 кг



**Абдулмаҷид КУДИЕВ**

*(гӯштини озод)* - барандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон дар шаҳри Тиранаи Албания дар вазни то 70 кг



**Муҳаммадсолеҳ ҚУВВАТОВ**

*(ҷудо)* - барандаи медали тиллои “Dushanbe Grand Slam 2024” дар вазни то 60 кг



**Акмал УБАЙДОВ**

*(бокс)* - барандаи медали тиллои Чемпионати Осиё дар шаҳри Чиангмайи Тайланд дар вазни то 60 кг



**Сорбон ЛАТИФОВ**

*(самбо)* - барандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон дар шаҳри Остонаи Қазоқистон дар вазни то 64 кг

## РЕЙТИНГ

# Даҳ паҳлавони тоҷик дар сафи беҳтаринҳои ҷудои ҷаҳон

**Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) рейтинги нави ҷаҳонии варзишгаронро нашр кард, ки мутобиқи он маҳорати баланд доштани паҳлавонони Тоҷикистон тасдиқ шуд.**

Дар вазни беш аз 100 кг Темур Раҳимов бо 5380 имтиёз мақоми сеюмро ишғол карда, аз қавитарин вазнинвазнҳои ҷаҳони ҷудо буданаш тасдиқ мешавад. Боз як пешсафи дигар аз дастаи мунтахаби Тоҷикистон Эмомалӣ Нуралӣ аст, ки дар вазни то 66 кг рақобат мекунад. Ӯ бо 4141 имтиёз низ мақоми сеюмро ишғол мекунад. Сомон Маҳмадбеков, ки дар вазни то 81 кг рақобат мекунад, бо 4540 имтиёз ба мақоми панҷум баромад.

Натиҷаҳои паҳлавонони дигари тоҷик чунин аст: дар вазни то 60 кг Муҳаммадсолеҳ Қувватов ҷойи 30-юм, 1948 хол, Меҳрзод Сӯфиев ҷойи 52, 835 имтиёз; дар вазни то 66 кг Обид Чебов ҷойи 6-ум, 3698 хол; то 73 кг Беҳрӯз Хоҷазода ҷойи 17-ум, 2560 имтиёз, Абубакр Шеров ҷойи 18-ум, 2515 имтиёз; то 90 кг Комроншоҳи Устопириён ҷойи 28-ум, 2079 хол; то 100 кг Ҷаҳонгир Маҷидов ҷойи 25-ум, 2190 хол.

Дар вазни то 60 кг Лука Мхеидзе (Фаронса) бо 6104 имтиёз, Виллиан Лима (Бразилия) бо 5165 имтиёз дар ҷойи аввал мебошанд. Дар вазни то 73 кг Ҳидоят Ҳайдаров (Озарбойҷон) бо 8004 имтиёз бартарӣ дорад. Дар вазни то 81 кг Тато Григалашвили (Гурҷистон, 6435 имтиёз) пешсаф боқӣ мемонад.

Лаша Бекаури (Гурҷистон, 6000 имтиёз) унвони беҳтарин дзюдочии варзишгарони то 90 кг-ро ҳифз кардааст. Дар вазни то 100 кг Зелим Котсоев (Озарбойҷон) бо 6812 имтиёз мақоми аввалро ишғол мекунад. Тедди Ринери афсонавӣ (Фаронса) бо 6800 хол дар категорияи вазнинтарин - беш аз 100 кг пешсафиро идома медиҳад.

# АНЪАНА, ЭЪТИҚОД ВА СУННАТҲО

## Соли нав дар ҷаҳон чӣ тавр таҷлил мешавад?

**Дар Тоҷикистон Соли навро аз кай ва чӣ гуна ҷашн мегиранд? Шаби асосии сол дар кишварҳои ҷаҳон чӣ гуна таҷлил мешавад? Одамоне, ки дар қитъаҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, кадом анъанаҳоро риоя мекунанд? Зимистон дар кадом кишварҳо Соли нав намеояд? Мо далелҳои ҷолиберо ҷамъ овардем, ки дар зер пешкаши шумо мешаванд.**













### СОЛИ НАВ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар Тоҷикистон низ Соли навро ҷашн мегиранд, аммо на чун маросими динӣ. Солҳои охир ашхосе ҳастанд, ки аз нуктаи назари дин таҷлили Соли навро нораво медонанд. Вале ҷомеаи Тоҷикистон озод аст ва ҳар шахс мувофиқи майли худ амал мекунад.

Имрӯз мардуми тоҷик Соли навро ҳамчун рамзи имконият ва қадамҳои нав ба сӯи беҳбудӣ, муваффақият ва ояндаи хуб ҷашн мегиранд. Онҳое, ки Соли навро таҷлил мекунанд, бо омад-омади он омодагӣ мебинанд, хонаву корхона ва ҷойҳои тамошобоби шаҳру навоҳиро оро медиҳанд ва умед бар он мебанданд, ки соли дар пеш буда низ бо хурсандӣ гузарад.

Дар Тоҷикистон Соли навро шаби 31-уми декабр ба 1-уми январ ҷашн мегиранд. Бисёриҳо мекӯшанд ин ҷашнро бо оилаву дӯстону наздикон дар якҷоягӣ, бо рақсу бозӣ пешвоз гиранд.

### ОЛМОН

Пеш аз он ки мо дар бораи анъанаҳои асосии Соли нав дар Олмон маълумот диҳем, бояд бо Силвестр шинос шавем.

Маҳз 31-уми декабр ба номи Попи Рум Силвестр I номгузорӣ шудааст. Тибқи ривоят, ӯ мори даҳшатноки Левиафанро нобуд карда, ҷаҳонро аз бадӣ наҷот додааст.

Бобои Барфӣ дар Олмон Вайнахтсман ном дорад. Ӯ дар як даст барои кӯдакони гапногир калтак барои ҷазо додан ва дар дасти дигараш барои кӯдакони бодоб халтаи тухфаҳо дорад.

### ИТАЛИЯ

Дар шаби Соли нави Италия ҳеҷ кас хоб карда наметавонад, чун салютҳо тамоми шаҳрро равшан мекунанд. Ҳамчунин, мардуми ин кишвар то субҳ бозиҳои гуногун ва шодиву хурсандӣ мекунанд. Ба эътиқоди италявиҳо, касеро, ки шумо нахуст дар аввали сол дар кӯча вомехӯред, аҳамияти бузург дорад. Бадбахтии шумост, агар он коҳин ё кӯдак бошад, аммо агар мӯйсафеде дар роҳ ба шумо дучорояд, то охири сол хушбахтӣ ва некӯаҳволӣ шуморо ҳамсафар мешавад.

### ИСПАНИЯ

Панҷ чизе, ки дар Соли нави Испания мардумаш анҷом медиҳанд: Якум, хӯрдани 12 ангур (дар ҳар як зарбаи курантҳои соат яктой ангур меҳӯранд). Дуюм, агар касе дар шаби Соли нав ба шумо шампон пешниҳод кунад, эҳтиёт шавед, чун метавонед тасодуфан ҳалқаи тиллоро, ки аз рӯи анъана ба шишаи дурахшон меафтад, фурӯ баред. Ба ақидаи онҳо тилло дар шишаи шампон бояд хушбахтӣ орад.

Сеюм, онҳо Соли навро бо либоси сурх пешвоз мегиранд. Мегӯянд, ки сурх бахт меорад ва куввахои бадро аз кас дур мекунад. Чорум, ҷавонони испанӣ дар Соли нав вақтхушиҳои худро доранд. Онҳо номҳои ҳамаи ҷавонон ва духтарони дар ҷашн ҳузурдошта, инчунин номҳои ҳамаи шиносонеро, ки ба ёд доранд, дар коғазҳо менависанд. Баъд аз қуръакашӣ ҳар кас ҷуфти худро меёбад. Албатта, коғазҳои ҷавонписарон ва духтарон омехта намешаванд. Панҷум, ҳамин ки соат нисфи шабро дар майдони шаҳр мезанад, шумо метавонед кифи зебои пур аз шириниҳоро гирифта дар майдони шаҳр ҳамдигарро табрик гӯед.

### ҲИНДУСТОН

Мардуми шимоли Ҳиндустон худро бо гулҳои сафед, гулобӣ, сурх ва арғувонӣ оро медиҳанд. Дар маркази Ҳиндустон биноҳо бо парчамҳои рангоранг, асосан норинҷӣ оро дода мешаванд. Дар ғарби Ҳиндустон чароғҳои хурдеро дар болои бомҳо фурӯзон мекунанд. Ҳиндуҳо қоидаи махсуси тақдим кардани тухфаро доранд. Масалан, тухфаҳоро барои кӯдакон дар табақчаи махсус гузошта, сахар онҳоро бо чашмони баста ба назди табақча меоранд. Онҳо ба тарзи дигар тақдим кардани тухфаро намеписанданд.

### АВСТРАЛИЯ

Соли нав дар Австралия иди тобистона аст, зеро он дар нимкураи ҷанубӣ ҷойгир аст. Бинобар ин, дар он ҷо Бобои барфӣ хангоми ҷашн бо либоси шиноварӣ, кӯлоҳи сурхи пӯпакдор ва риши дарози сафед пайдо мешавад. Бо омадани Бобои барфӣ австралиягиҳо оташакбозӣ ва ҳар гуна бозиҳои дилхушкунанда баргузор мекунанд.

Санта Клаус на дар домани майдон, балки дар соҳил пайдо мешавад ва соли ояндаро аз укёнусҳо меорад, на аз ҷангалҳо ва водиҳои барфпӯш.

Ҷопон. Дар хонаи ҷопониҳо барои пешвоз гирифтани соли нав се чизро мегузоранд: бамбук, ки рамзи зуд калон шудани кӯдакон аст, олу - рамзи ёрдамчиёни қавӣ ва санавбар - рамзи дарозумрӣ. Ҷопониҳо соли навро хангоми баромадани офтоб ҷашн мегиранд.

### ЧИН

Соли нави Чин дар охири моҳи январ ё оғози феврал баргузор мешавад. Ҷашн 15 рӯз давом мекунад. Дар ин вақт одамон либоси сурх, ки рамзи хушбахтӣ аст, пӯшида, дар паради аждаҳо ва оташбозиҳо ширкат мекунанд. Дар вақти ҷашн низ чунин одат аст, ки конвертҳои сурх бо пул, ки "хунбао" номида мешавад, тақдим карда шаванд. Ба ақидаи онҳо ин хушбахтӣ ва ривоҷи молиявӣ меорад.

### АМРИКО

Дар Иёлоти Муттаҳида Ню-Йорк маркази ҷашнгирии Соли Нав мебошад, ки дар он анъанаи ҷорабинии "Ball Drop" дар назди бинои “Таймс-сквер” баргузор мешавад. Дар соли 1895 дар назди коҳи Сафед аввалин гирляндаи барқии дурахшон дар ҷаҳон овезон карда шуд, аз ин ҷо анъанаи навиштани "вазифаҳои солинавӣ" бо ваъдаҳо ва нақшаҳои соли оянда дар саросари ҷаҳон паҳн гардид. Вақте соат 12-и шабро нишон медиҳад, гулдастаи калон поён фаромада, мардум рақсу бозӣ ва оташбозиро оғоз мекунанд. Онҳо дар кӯчаҳо ҷамъ мешаванд ва Соли навро ба ҳамдигар табрик гуфта, орзуҳои нек мекунанд.

### ШВЕТСИЯ

Дар арафаи Соли нав кӯдакони Шветсия интихоботи Люсия - маликаи нурро баргузор мекунанд. Духтари ба ин вазифа таъиншуда либоси сафед ва тоҷ мепӯшад, ки дар он шамъҳои фурӯзон насб шудаанд. Люсия ба ҳайвоноти хонагӣ хӯрок медиҳад ва ба кӯдакон тухфа мекунад. Иди нур бо чароғҳои дурахшон дар кӯчаҳо ва хонаҳо гузаронида мешавад.

### РУСИЯ

Таърихи ҷашни Соли нав дар шаби 31-уми декабр ба 1-уми январ дар Русия танҳо дар охири асри XVII иваз шуд. Ин фармонро Пётри I дар соли 1699 имзо кард. Ғайр аз ин, император системаи солшумориро тағйир дод. Ҳамин тариқ, соли 7208 ба соли 1699 табдил ёфт. Дар Соли нав кӯдакон ба калонсолон ба Бобои барфӣ ва Барфак мактуб менависанд ва чун анъана арчаҳои солинавиро хабар мегиранд. Мақомот кӯчаҳои маркази шаҳрҳоро барои ид оро медиҳанд ва инчунин дар майдонҳо арчаҳои баланди солинавӣ насб мекунанд. Яке аз унсурҳои анъанавии дигар дар Соли нав зиёфати солинавӣ низ ҳисобида мешавад ва дар сари суфраи дастархон оилаҳо мурочиати президентро тамошо мекунанд.

Хулоса, Соли нав ҷашнест, ки одамонро дар саросари ҷаҳон муттаҳид мекунад.

Соли наватон муборак!

**Таҳияи**
**Дило ДОРОБШОЕВА**



# РИСОЛАИ ГУМГАШТАПАЙДОИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ

(Аввалаш дар саҳ. 6)

Тавре ишора шуд, мутаассифона, маълумоти ин китоб то имрӯз аз таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон дур монда буд. Ҳол он ки нукоти он ҷолиби диққат аст.

А. Муҳиддинов дар ин рисола дар баробари маълумоти таърихӣ, доир ба инқилоби Октябр, густариши он дар Осиёи Миёна, суқути низоми амирӣ ва таъсиси Ҷумҳурии мухтори шӯравии Тоҷикистон, бори нахуст дар бораи ҷуғрофиё, аҳолӣ, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мадании ҶМШС Тоҷикистон маълумоти арзишманд додааст.

А. Муҳиддинов дар рисолаи хеш доир ба таърихи миллати тоҷик менависад: **"Миллати тоҷик, ки дар асрҳои гузашта соҳиби маданияти бузург будааст, аз байни худ ҳокимҳо, файласуфҳо, адибҳо, муаррихҳои номдор ба вуҷуд оварда, дар илми улум ва адаб хизматҳои намоён кардааст"** (с. 41). Дар он шабу рӯз навиштани чунин чумла осон набуд. Дар идома А. Муҳиддинов изҳори умедворӣ кардааст, ки пас аз таъсиси ҶМШС Тоҷикистон имкон фароҳам меояд, ки тоҷикон "боз дубора соҳиби маданияти бузург шуда, аз маданияти ранҷбарӣ истифода намуда, ба ҳамзабонони пасмондаи худ, ки дар хориҷи Тоҷикистон ва берун аз ҷумҳуриятҳои шӯрой зиндагонӣ мекунанд, ёрмандиҳои илмӣ ва маданӣ бирасонанд" (с. 42).

*А. Муҳиддинов дар ин рисола аз сарнавишти талхи тоҷикон ёдовар шуда, менависад: "Тоҷикон баъд аз афтодан ва нест шудани ҳукумати Сомониён муддати 905 сол дар Осиёи Миёна аз ҳокимият маҳрум шуда монданд, як миллати маҳкуме зиндагонӣ мекарданд ва дар натиҷаи ин маҳкумият хеле аз тоҷикон марказҳои маданиши худро Партофта, ба куллаҳои кӯҳҳо маскун шуда буданд. Баъд аз муддати дарози маҳкумият, бо мадад ва ёрии ҳукумати шӯрой дубора соҳиби ҳукумати миллии ранҷбарӣ гардиданд" (с 41).*

А. Муҳиддинов дар рисолаи хеш дар бораи ҶМШС Тоҷикистон чунин маълумот додааст: "Ҷумҳурияти Тоҷикистон аз чаҳор вилоят, қисми шарқии Ҷумҳурияти Шӯроии пештараи Бухоро ва аз Ҷумҳурияти Туркистон, Ӯротеппа, Панҷакент ва Помирро дар бар гирифтааст. **Дар Ӯзбекистон ҳам ҳудуди Тоҷикистони имрӯза хеле ҷойҳои тоҷикнишин мондааст ва дар дохили Ӯзбекистон шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд аз марказҳои маданиии тоҷикон шуморида мешавад" (с. 43).** Ба ҷумлаи охир таваҷҷуҳ кунед, ки А. Муҳиддинов ҳанӯз дар ҳамон давра тақсимоти ноодилонаи ҳудудӣ ва берун аз марзҳои Тоҷикистон мондани тоҷиконро дар зери сатрҳо ишора кардааст.

**ТИБҚИ ИТТИЛОИ ИН КИТОБ ҶМШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 1927 БА ҲАФТ ВИЛОЯТ ТАҚСИМ ШУДА, МАСОҲАТ ВА АҲОЛИИ ОН ДАР ЧУНИН ҶАДВАЛ НИШОН ДОДА ШУДААСТ:**

| Номи вилоят | Вусъати замин ба ҳисоби километри мураббаъ | Миқдори мардуми дарунӣ |
|---|---|---|
| Кӯлоб | 12,122 | 229,691 |
| Ҳисор | 15,194 | 197,353 |
| Ғарм | 23,664 | 173,978 |
| Ӯротеппа | 7,748 | 103,083 |
| Панҷакент | 9,114 | 55,957 |
| Қӯрғонтеппа | 9,850 | 33,675 |
| Кӯҳистоннишинон | 57,927 | 28,923 |
| Ҷамъ | 135,619 | 823,600 |

Ҳамчунин, дар рисола ишора шудааст, ки аз теъдоди дар рӯйхат будаи аҳолӣ 431,911 нафар мардон ва 390,749 нафар занон будаанд. Вале А. Муҳиддинов менависад, ки ин саршумори аҳолӣ комил нест.

"Бинобар нуқсонҳое, ки дар кори ташкилот саршумори халқ пайдо буд, қисме аз мардум аз рӯйхат берун монданд ва ба аъзои соҳибони хонаҳои аслӣ хонаводаро камтар нишон додаанд, бинобар ин тахмин мекунем, ки мардуми Тоҷикистон аз як миллион нуфуз бояд кам набошад",- менависад муаллиф (с. 44).

А. Муҳиддинов дар рисола дар бораи сохтори ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон низ маълумоти муфид додааст: "Ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурияти Тоҷикистон "Кумитаи Инқилобӣ" агарчи дар моҳи декабри соли 1924 муайян гардида бошад, лекин бинобар сабаби дурӣ ва сахтии роҳ дар оғози моҳи марти соли 1925 қисми кулли узвҳои Кумитаи инқилобӣ ба марказии ҷумҳурият дар шаҳри Душанбе ҷамъ омаданд ва аз 15-уми моҳи март расман идораи мамлакатро Кумитаи Инқилобӣ ба дасти худ гирифт" (с. 44).

Воқеан, баҳори соли 1925 барои мардуми тоҷик иди фаромӯшнопазири миллист, зеро маҳз дар ин рӯз дар таърих кишваре бо номи Тоҷикистон аз худ дарак дод. Дар рисолаи А. Муҳиддинов ҳамчунин доир ба вазъи маорифу тандурустӣ ва иқтисодиёту иҷтимоии ҶМШС Тоҷикистон маълумоти арзишманд оварда шудааст.

### ХУЛОСА

Пайдо шудани рисолаи Абдулқодир Муҳиддинов падидаи беназири илмиву фарҳангӣ дар рӯзҳои таҷлили 100-солагии таъсиси ҶМШС Тоҷикистон аст.

Бинобар ин:

**- Ин рисола бояд ҳарчи зудтар ба хати кириллӣ бозгардонӣ ва нашр шавад;**

**- Рисолаи А. Муҳиддинов бояд мавриди пажӯҳиши вежаи муҳаққиқон қарор бигирад;**

**- Рӯзномаи "Бухоро ахбори"-ро аз китобхонаҳои Тошканд ё Москва бояд пайдо кард ва рисолаи ишоранамудаи М. Шакуриро бояд ҷуст. Шояд он асари дигари Абдулқодир Муҳиддинов дар бораи таърихи Бухоро бошад...**

**Одил НОЗИР**

## АЗ ИДОРА:

**Озмуни "Достони тавлиди Тоҷикистон", ки ба 100-солагии таъсиси ҶМШС Тоҷикистон бахшида шуда буд, ба анҷом расид. Давоми сол ба унвони мо дар доираи ин озмун беш аз 100 матлаб ворид шуд, ки беҳтарини онро манзури Шумо намудем.**

**Феълан, матолиби озмун дар баррасии ҳакамони босалоҳият қарор доранд.**

**Дар оғози соли 2025 номи ғолиб ва барандаи Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳи Шерализодаро эълон хоҳем кард.**

**Ҳамчунин, дар оғози соли нав барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" – Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳи Шерализода озмуни нав эълон хоҳад шуд.**

**Бо "Тоҷикистон" бошед!**



Мамнур Нурзода

### ХИЁНАТ НАКУНЕД!

*Бар нилуфару суман хиёнат накунед,*
*Бар хору хаси даман хиёнат накунед.*
*Сарсабзиву хуррамӣ тароват бахшад,*
*Бар сабзаи ин чаман хиёнат накунед.*

*Зиннат надиҳад пираҳани бегона,*
*Бар атласу бар чакан хиёнат накунед.*
*Аъмоли наку нишонаи фарҳанг аст,*
*Бар санъату бар сухан хиёнат накунед.*

*Паймон баста ба хутбаи ақди никоҳ,*
*Бар ваъдаи марду зан хиёнат накунед.*
*Таърихи пурифтихори худ бишносед,*
*Бар омадаву куҳан хиёнат накунед.*

*Сад мулки дигар мисоли меҳан нашавад,*
*Бар модару бар Ватан, хиёнат накунед.*

### ТАМАННИЁТИ СОЛИНАВӢ

*Соли нав соли пур аз шодӣ шавад,*
*Соли ваҳдат, соли озодӣ шавад.*
*Раҳ наёбад ғам ба хони ҳеҷ кас,*
*Соли бахту файзу ободӣ шавад.*

*Субҳу шом дар паҳлуи фарзанди хеш,*
*Меҳри гарми ҳар падар ҷорӣ шавад.*
*Аз фироқу дарду ҳиҷрони писар,*
*Ашки чашми модарон орӣ шавад.*

*Ғуссаву ғам аз дили мо дур бод,*
*Соли файзу соли хушҳолӣ шавад.*
*Кош ҳама бигрифта раҳ сӯи Ватан,*
*Мулки ғурбат тезтар холӣ шавад.*

*Раҳ наёбад дарду ғам бар қалби мо,*
*Рӯи олам пок зи беморӣ шавад.*
*Файзу нусрат бештар гардад фузун,*
*Гум зи дунё номи нодорӣ шавад.*

*Кинаю буғзу адоват дур бод,*
*Соли неку соли ғамхорӣ шавад.*
*Баҳри халқи худ таманно парварад,*
*Нурзода, меҳр сарборӣ шавад.*



Бобочони Нурзод

### СОЛИ НАВ БОДО МУБОРАК!

*Аз муқаддасмеҳани тоҷик паём,*
*Бо хасу хору ҳама он хосу ом,*
*Офарин гӯям ба сулҳи бардавом.*
*Солгарди соли нав бодо муборак,*
*Барфҳарфи нав ба нав бодо муборак!*

*Баҳри он пирӯзиҳои нав ба нав,*
*Гандуми меҳрат намоӣ ту дарав,*
*То шавад он мушкили роҳи ту нав.*
*Солгарди соли нав бодо муборак,*
*Барфҳарфи нав ба нав бодо муборак!*

*То ки он пирӯзиат орад самар,*
*Пушти пои худ бизан хавфу хатар,*
*Сулҳу ваҳдатро намо бологузар.*
*Солгарди соли нав бодо муборак,*
*Барфҳарфи нав ба нав бодо муборак!*

*Ҳамчу барфи тоза шав поку зулол*
*Баҳри фардои накӯ бикшо ту бол,*
*Бар ватан овар ту меҳри безавол.*
*Солгарди соли нав бодо муборак,*
*Барфҳарфи нав ба нав бодо муборак!*

*Соли нав бо пайки шодиовараш,*
*Баҳри ту бикшодааст болу параш,*
*Чашми ту бинад ҳама зебу фараш.*
*Солгарди соли нав бодо муборак,*
*Барфҳарфи соли нав бодо муборак!*

*Баҳри иқболи баланди ин ватан*
*Боядо бошем ба ҳам оҳанбадан,*
*Эй биё бар душмани дун ханда зан.*
*Солгарди соли нав бодо муборак,*
*Барфҳарфи соли нав бодо муборак!*

# ПУРХӮРӢ ДАР СОЛИ НАВ

## Чӣ бояд кард, ки шаби ид “Ёрии таъҷилӣ” даъват накунем?

**Соли нав ҷашнест, ки хурду калон ба истиқболаш шодӣ мекунанд. Сари дастархони пурнозу неъмат худдорӣ кардан аз ғизоҳои болаззат амрест маҳол, хусусан барои нафароне, ки пайваста парҳезро риоя намуда, бемориҳои рӯда доранду ҷарроҳиеро аз сар гузаронидаанд.**

### БЕМОРИҲОИ ХАТАРНОКИ СОЛИНАВӢ

Хатари аввал пурхӯрӣ аст, хусусан барои нафароне, ки бемориҳои музмин доранд. Тавре табибони терапевт ва ҷарроҳон қайд менамоянд, баъди ҷашнгирии Соли нав шумораи нафарони гирифтори захми меъда ва бемории санги талхадон, инчунин нафароне, ки баъди парҳези дарозмуддат яку якбора хӯрокҳои равғанину серғизо истеъмол кардаанд, бештар ба қайд гирифта мешавад.

Хатари дигар заҳролудшавӣ (отравление) аст, зеро аксаран дар шаби Соли нав хӯришҳои гуногун омода менамоянд, ки бо сабаби тару тоза набудани баъзе маҳсулот ва истифодаи майонезу моҳӣ хатар эҷод мекунанд. Диққати бештарро ба хӯришҳои бозорӣ ва мағозагӣ равона кардан лозим аст, зеро маълум нест, ки маҳсулоти номбаршуда чанд муддат дар рафҳои мағозаҳо нигоҳ дошта шудаанд.



### КАДОМ ХӮРОКРО БОЯД ХӮРД?

Беҳтараш хӯроки равғанину гӯштинро бо сабзавот истеъмол намоед. Баъди он ки хӯроки якуму дуюмро истеъмол мекунед, чой нанӯшед. Қоидаи тиллоиро фаромӯш насозед, бо вуҷуди бемор будан ё набуданатон чой, қаҳва ё компотро дарҳол баъди хӯрок нӯшидан лозим нест, балки 40 дақиқа тоқат намоед. Дарҳол баъди хӯрок нӯшидани қаҳва низ кори нодуруст аст. Бо риоя намудани қоидаи мазкур ҳам хушкаду қомат мемонед, ҳам хӯроки хӯрдаатон хубтар ҳазм мегардад. Агар диққат дода бошед, дар ошхонаҳои истироҳатгоҳҳо истаконҳои компот ё чойро мегузоранд, то ки мизоҷон аввал ташнагиро шикаста, баъдан хӯрок истеъмол намоянд. Дарҳол баъди хӯроки гарм ғизои сард хӯрдан мумкин нест, дар акси ҳол кашиши рӯдаҳо ва ҳал нашудани хӯрок рух медиҳад.

### ҶИСМРО ТОЗА КУНЕД

Тавре дар боло қайд намудем, сари дастархони пурнозу неъмат ба пурхӯрӣ роҳ надиҳед, хӯроки равғанинро кам истеъмол намуда, назорат намоед, ки маҳсулот тару тоза бошад. Аз нӯшидани оби зиёди минералӣ ва дигар обҳои газноке, ки дар баробари пурхӯрӣ вазъиятро душвортар месозанд, худдорӣ намоед. Баъди ҷашни Соли нав ҷисмро тоза кунед: парҳез ё танҳо сабзавот истеъмол намоед, метавонед як шабонарӯз танҳо кефир истеъмол намуда, ҷисмро аз ифлосиҳо тоза кунед. Агар чанд рӯз хӯроки зиёд истеъмол карда бошед, ҷисматон боз пурхӯриро талаб мекунад, аз ин рӯ, иродаи мустаҳкам мебояд. Рафту рӯдаҳоятон бемор бошаду ҳар шаб ҳатман хӯрок хӯрдан мехоста бошед, як ретсепти бениҳоят хуб - шабона ба як истакон кефир нони аз орди сиёҳ пухташударо реза карда, тановул намоед. Дар давоми 3-4 рӯз ҷисматон тозаву сатҳи холестерин паст мегардад. Субҳгоҳон як истакон оби ҷӯшидаву шарбати лимӯ ва як қошуқча асал нӯшида, ҳолати меъдаро ба эътидол меоред.

### МАШРУБОТ ВА ЗАҲРОЛУДШАВӢ АЗ ОН

Дар мадди аввал ба сифати нӯшокиҳое, ки истеъмол мекунед, диққат диҳед, зеро дар шаби Соли нав шумораи нафарони аз машрубот заҳролудшуда меафзояд. Беҳтараш нӯшокиҳои санҷидашударо аз мағозаҳои фирмавӣ харидорӣ намоед. Чун анъана дар шаби Соли нав шампон менӯшанд, вале агар дилатон намехоста бошад, барои нӯшиданаш худро маҷбур накунед. Муҳимаш ҳар нӯшокиеро, ки интихоб мекунед, бо нӯшокии дигар омехта насозед. Шампон нӯшокии сабук менамояд, вале аз он ба зудӣ маст шудан мумкин аст, бар зимми ин, дарди сар пайдо мешаваду ба меъда низ чандон фоида надорад. Хатои калон дар он аст, ки машрубот бо оби минералӣ нӯшида шавад. Беҳтар аст ба ҷои оби минералӣ оби муқаррариро истифода баред. Баъдан, фаромӯш насозед, ки аз меъёр зиёд нӯшидани машрубот ба ҷигар зарар дорад.

# СОЛИ 2025 КИРО КОМЁБ МЕКУНАД



### МУШ

**(2020, 2008, 1996, 1984, 1972, 1960, 1948)**

Соли 2025 барои зодагони мучали Муш устуворӣ ва имконияти хубро ваъда медиҳад. Аз тахти дил меҳнат карда, натиҷаашро аввали сол мебинед. Эҳтимол шахсони соҳибвазифа ва роҳбарон дар корхоятон дастгирӣ мекунанд. Дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор будан муҳим аст, эҳтимолияти рух додани тағйироти ногаҳонӣ вуҷуд дорад. Барои шиносоиҳои нав ва мустаҳкам сохтани муносибатҳои оилавӣ соли хуб аст.



### ХАРГӮШ

**(2023, 2011, 1999, 1987, 1975, 1963, 1951)**

Фаъолнокӣ ва заҳматписандиятон дар касбу кор натиҷаи хуб медиҳад, роҳбарон кӯшишҳои шуморо эътироф ва қадр мекунанд. Пешравӣ дар ҷодаи касбӣ ва зиёд шудани ҳаҷми маош имконпазир аст, бахусус агар шумо дар як корхонаи калон кор кунед. Вазъи молиявиатон устувор хоҳад буд, аммо хароҷоти худро назорат кунед. Бо вуҷуди бад будани ҳолати руҳиятон муносибатҳои оилавӣ мустаҳкам хоҳанд шуд.



### АСП

**(2026, 2014, 2002, 1990, 1978, 1966, 1954)**

Соли 2025 барои зодагони мучали Асп устуворӣ ва шукуфоӣ меорад. Пешравиҳо дар касбу кор зиёд мешаванд, бахусус барои эҷодкорон соли мусоид аст. Барои ба даст овардани муваффақият бояд бештар омӯзед ва дониши худро такмил диҳед. Дар маҷмӯъ соли бобарор аст, вале дар муносибатҳои шахсӣ баъзе мушкилот эҳтимол дорад. Нисбати саломатӣ диққати бештар зоҳир карданатон лозим аст.



### МУРҒ

**(2029, 2017, 2005, 1993, 1981, 1969, 1957)**

Соли нав барои онҳое, ки дар мучали Мурғ таваллуд ёфтаанд, пур аз тағйироти мусбат ва имкониятҳои зиёд хоҳад буд. Дар касбу кор муваффақ мегардед. Шиносоии нав, робитаҳои судманд ва дастгирии шахсони бонуфуз ва роҳбарият шуморо интизоранд. Барои нафароне, ки то ҳанӯз бахти худро пайдо накардаанд, муносибатҳои нави ошиқона пешбинӣ мешавад ва пӯшидани ангуштарии никоҳӣ насибатон мегардад.



### БАҚАР

**(2021, 2009, 1997, 1985, 1973, 1961, 1949)**

Соли нав барои зодагони мучали Бақар имкониятҳои зиёди мусоидро пешкаш мекунад. Ҳамкории бомуваффақият барои оғози корҳои нав ва лоиҳаҳое, ки даромади хуб меоранд, кумак мекунад. Соли беназирест барои пешбурди идеяҳои тиҷоратӣ ва нақшаҳои корӣ. Дар касбу кор ва тиҷорат ба шарте муваффақ мегардед, ки тавозунро нигоҳ дошта, имкониятҳои мувофиқро истифода баред. Дар ҷодаи муҳаббат ва муносибатҳои шахсӣ тағйироти бузург рух намедиҳад.



### НАҲАНГ

**(2024, 2012, 2000, 1988, 1976, 1964, 1952)**

Аввали сол бо баъзе душвориҳо рӯ ба рӯ шуданатон имконпазир аст, аммо то фарорасии фасли баҳор мушкилиҳо ҳал мешаванд. Дар касбу кор тағйироти мусбат имконпазир аст, ки боиси пешравиҳо мегарданд. Барои устувор нигоҳ доштани вазъи молиявӣ нақшабандӣ ва эҳтиёткорӣ муҳим аст. Соли нав барои ошиқон ва оиладорон имкониятҳои хуброро пеш меорад. Нафарони муҷаррад метавонанд муҳаббати худро пайдо кунанд.



### ГӮСФАНД

**(2027, 2015, 2003, 1991, 1979, 1967, 1955)**

Соли 2025 барои зодагони мучали Гӯсфанд нисбатан ором хоҳад буд. Бо вуҷуди ин, дар давоми сол баъзе мушкилоти касбӣ ё саломатӣ алоқаманд ба вуҷуд меоянд. Имконияти мусоиди ба даст овардани маблағи хуб дар назар аст, онро аз даст надиҳед. Вақте расидааст, ки дар зиндагӣ мустақил шуда, аз зери таъсири дигарон берун шавед. Бо нафаре шинос мешавед, ки назари шуморо дар зиндагӣ комилан тағйир медиҳад.



### САГ

**(2030, 2018, 2006, 1994, 1982, 1970, 1958)**

Барои намояндагони мучали Саг соли 2025 дар ҳама кор устуворӣ ваъда медиҳад ва вақти амалӣ шудани мурoду мақсад аст. Санҷишҳои соли гузашта ба охир мерасанд, дар касбу кор шуморо пешравиҳои назаррас ва рушди касбӣ пешбинӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, тавсия дода мешавад, ки дар масъалаҳои ошиқона, ҳаёти шахсӣ ва вазъи молиявӣ эҳтиёткор бошед. Барои онҳое, ки танҳо ҳастанд, соли нав барои пайдо кардани муҳаббат хеле мусоид хоҳад буд.



### ПАЛАНГ

**(2022, 2010, 1998, 1986, 1974, 1962, 1950)**

Соли 2025 барои зодагони мучали Паланг ҳам имкониятҳои хуб ва ҳам мушкилотро пеш меорад. Дар муносибатҳои ошиқона душвориҳо сар заананд ҳам, дар касбу кор ва вазъи молиявӣ муваффақиятҳо имкон доранд. Агар аз тамоми баҳсу мунозираву муноқишаҳо дурӣ ҷӯед, корҳоятон хеле хуб ҷараён мегиранд. Нофаҳмӣ ва ихтилофҳоро дар зиндагии шахсӣ бо самимият ва ростқавлӣ бартараф карда метавонед.



### МОР

**(2025, 2013, 2001, 1989, 1977, 1965, 1953)**

Соли 2025 барои зодагони мучали Мор душвор меояд, вале имкониятҳои хубе барои рушди касбӣ ва беҳтар сохтани вазъи молиявӣ фароҳам меояд. Барои беҳтар сохтани вазъият ба ҳадафҳои дарозмуддат диққат диҳед ва эҳтиёткор бошед. Нисбати наздикон ва аҳли оила меҳрубонии бештар зоҳир намоед. Дар соли нав мушкилоти мавҷудаи дар ҳаёти шахсӣ пурра бартараф карда метавонед.



### ҲАМДУНА

**(2028, 2016, 2004, 1992, 1980, 1968, 1956)**

Соли нав барои зодагони мучали Ҳамдуна гуногунҷабҳа хоҳад буд, моҳҳои оянда на танҳо имкониятҳои гуногун, балки баъзе монеаҳоро низ пеш меоранд. Шумо дар соҳаи касбӣ рушд хоҳед кард, аммо эҳтимолан аз ноҳоҳатиҳо дар ҷои кор комилан канорагирӣ кардан номумкин мешавад. Қарорҳои окилона метавонанд даромадатонро зиёд кунанд. Дар муносибатҳои шахсӣ лаҳзаҳои бисёри хушбахтӣ интизор аст, аммо мушкилот низ истисно намешаванд.



### ХУБОН

**(2031, 2019, 2007, 1995, 1983, 1971, 1959)**

Барои мучали Хубон соли 2025 бо душвориву монеаҳояш мушкил меояд. Дар баробари ин, рӯйдодҳои зиёде рух дода, ҷиҳатҳои манфии солро сабук мекунанд. Дар кор, тиҷорат ва соҳаи касбӣ фаъол ва серҳаракат бошед. Сафарҳои корӣ муваффақият ва фоида меоранд. Дар масъалаҳои молиявӣ аз амалиётҳои хатарнок худдорӣ намоед, зеро аз даст додани маблағи калон эҳтимол дорад. Дар зиндагии шахсиятон навигарӣ рух медиҳад.

# «ҲУҶУМ» ВА ОЗОДИИ ЗАНИ ТОҶИК

## Ёде аз аввалин муаллимаи маълумоти олидор Баҳринисо Тоҳирова

**Дар таъриху фарҳанги тоҷикон Зан-Модар ҷойгоҳи хосе дорад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ занон дар пешрафти ҳамаи соҳаҳо нақши созгор ва саҳми арзанда мегузоранд. Вале набояд фаромӯш кард, ки озодии комили зани тоҷик ва пазируфта шудани ӯ ҳамчун қишри комилҳуқуқи ҷомеа дар замони ҳокимияти шӯравӣ бо роҳи маърифатнок намудан сурат гирифт ва дар ин раванд нақши кормандони соҳаи маорифу фарҳанг, бахусус аввалин муаллимаҳо хеле калон аст. Яке аз чунин шахсон ходими намоёни давлатӣ, аввалин муаллимаи маълумоти олидор аз ҳисоби тоҷикон Тоҳирова Баҳринисо мебошад.**



*Аввалин муаллимаҳои маълумоти оиладор Бибируқия Азимова, Баҳринисо Тоҳирова, Зиёда Фахриддинова*

Баҳринисо Тоҳирова 27-уми декабри соли 1907 дар деҳаи Ашти ноҳияи Ашт дар оилаи коргари оддӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Новобаста ба шароити мураккаби оилавӣ солҳои 1916-1917 дар мактаби занонаи Ашт таҳсил намуда, соли 1923 Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Тошкандро хатм намуда, шуруъ аз ҳамон сол ба саводомӯзии кӯдакон машғул мегардад. Моҳи майи соли 1923 дар назди КМҲ Туркистон сексияи комсомол ва коммунисти Тоҷикистон ташкил шуд. Ба ҳайати сексияи тоҷикӣ, дар баробари арбобони давлативу фарҳангӣ чун Абулқосим Лоҳутӣ, Нисор Муҳаммадов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов Баҳринисо Тоҳирова низ шомил гардида буд.

*Вазифаи асоси сексия аз масъалаҳои зерин иборат буд:*

*- ба халқ сиёсати миллии ҳукумати шӯравиро дуруст расонидан;*

*- тайёр кардани кадрҳои зиёии миллӣ;*

*- ба забони тоҷикӣ нашри рӯзномаю маҷаллаҳо;*

*- ба таҳсил фаро гирифтани занону духтарон ва ғайра.*

Соли 1924 Баҳринисо Тоҳирова ба сифати омӯзгор ба Дорулмуаллимини тоҷик, ки дар шаҳри Тошканд қарор дошт, ба кор омад. Дар он солҳо шумораи занон-омӯзгорон аз ҳисоби тоҷикон қариб вуҷуд надоштанд ва Дорулмуаллимин нахустин донишкадае буд, ки дар ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон қарор дошт ва асосан аз ҳисоби тоҷикон кадрҳои омӯзгорӣ тайёр мекард.

Бешубҳа ӯро аввалин муаллимаи тоҷик дар ин донишкадаи тоҷикон шуморидан мумкин аст. Баҳринисои ҷавон тамоми қувва ва неруи худро баҳри ҷалби ҷавонону духтарон ба таҳсил ва тайёр намудани омӯзгорони касбӣ аз ҳисоби тоҷикон равона намуд. Дар ин самт пайваста дар матбуоти даврӣ мақолаҳо нашр намуда, дар маҷлису ҷамъомадҳо суханрониҳо мекард. Шахсиятҳои маъруф, ба мисли Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Баҳодур Искандаров, Мирсаид Миршакар, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Шарифҷон Ҳусейнзода ва дигарон аз зумраи шогирдони аввалини ӯ буданд.

Баҳринисо Тоҳирова баъди такмили ихтисоси соли 1927 дар Донишгоҳи давлати Осиёи Миёна дар шаҳри Тошканд таҳсили худро давом дод. Баъди хатми донишгоҳ фаъолияти минбаъдаи омӯзгории худро дар Техникуми омӯзгории шаҳри Тошканд дар факултети коргарӣ идома дод.

Раванди маърифатнок намудани занону духтарон дар ин солҳо асосан бо ду роҳ сурат мегириф: ҷалби онҳо ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсил дар мактабҳои «маҳви бесаводӣ».

Дар ин солҳо ташкилу тарғиби маорифи дунявӣ-шӯравӣ кори саҳлу осон набуда, ҷасорату мардонагӣ ва иродаи қавиро тақозо мекард, зеро ҷомеа дар зери таъсири дин ва хурофот қарор дошт. Рӯҳониёну иртиҷопарастон барои таҳсили занону духтарон монеаҳо эҷод мекарданд ва ҳатто қасди ҷони кормандони маорифро мекарданд. Мисоли равшан, қатли се муаллимаи аввалини тоҷик Оламбибӣ, Сайрамбибӣ, Маълумбибӣ ва Каримҷон Ҳусейнзода шуда метавонанд.

Новобаста аз мушкилоти мавҷуда Баҳринисо Тоҳирова ба шаҳру ноҳияҳои тоҷикишини ҶШС Ӯзбекистон сафар намуда, занону духтаронро ба мактаб ҷалб менамуд. Бисёри занон бо майлу хоҳиши донишандӯзӣ ба корҳои маориф ҷалб мешуданд.

Чунончи, рӯзномаи "Овози тоҷик" соли 1928 хабар дода буд: "... дар шаҳри Тошкент **мактаби занона ва курсҳои маҳви бесаводӣ кушода шуд. Ба он тоҷикзан Баҳринисо ном муаллима роҳбарӣ мекунад. Ба туфайли меҳнати пурмаҳсули ӯ шумораи хонандагон - занону духтарон рӯз ба рӯз афзуда истодаанд. Дар айни замон дар мактаби занона 43 духтар ва дар курсҳои «маҳви бесаводӣ» 23 нафар таҳсил мекунанд".**

Ин зани шуҷову оқила дар байни занони тоҷики Ӯзбекистон корҳои зиёди тарғиботиву тарбиявӣ мебурд. Ӯ аз ҳисоби занони тоҷик "Ҷамъияти занони Тоҷикистон"-ро дар назди Комитети иҷроияи марказии Ӯзбекистон ташкил намуд. Ин ҷамъият дар масъалаи ҷалби занон ба таҳсил ва истеҳсолот, фаҳмонидани моҳияти сиёсати маорифи шӯравӣ ва даст кашидан аз одату анъанаҳои кӯҳна корҳои зиёди тарғиботиву ташвиқотиро анҷом дод.

Кори дигаре, ки «Ҷамъияти занони Тоҷикистон» фаъолияташро ба он равона сохта буд, ин маъракаи «фаранҷипартоӣ» буд. Ин падида ҳамчун нишона аз сохти кӯҳна ва беҳуқуқии занон дониста мешуд. Бо ташвиқу тарғиби Баҳринисо Тоҳирова Зиёда Фахриддинова, Бибирукия Азимова ва чандин занҳои дигар дар наздикии бинои Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошканд намоиши фаранҷипартоӣ барпо намуданд. Чанде аз он занону духтарони бефаранҷӣ, ки ба назди донишкада омада буданд, аз дасти рӯҳониёни иртиҷопараст ба қатл расонида шуданд.

Бешубҳа инро метавон як навъ муборизаи зани тоҷик баҳри истиқлоли худ донист.

Ба фишору таъқиби кӯҳнапарастон нигоҳ накарда, «Ҷамъияти занони Тоҷикистон» дар муташаккилона гузаронидани фаранҷипартоӣ гомҳои устувор мегузошт. Ин маърака характери оммавиро гирифта, дар тамоми шаҳрҳои Осиёи Миёна номи «Ҳуҷум»-ро гирифт.

Дар шаҳри Тошканд комиссияи махсус оид ба фаранҷипартоӣ ташкил ёфт, ки кори ин маъракаро боз ҳам ҷоннок намуд. «Ҷамъияти занони Тоҷикистон" танҳо дар соли 1928 дар шаҳри Тошканд 12 маҷлиси занонро гузаронид. Чунончӣ Баҳринисо Тоҳирова ёдоварӣ аз он рӯзҳо намуда, қайд мекунад: "Дар шаҳри Тошкент ба муқобили одамони зишту манфур, кӯҳнапарастон, бойҳо, ки сохти ҷамъияти шӯравиро чашми дидан надоштан, мубориза намудам. Чанд тан занону духтарони шаҳро аз чордевори хурофот озод кардам, барои соҳиби касбу кор ва илму маърифат шудани онҳо талошҳо намудам".

Баҳринисо Тоҳирова соли 1933 бо даъвати нозири маорифи ҶШС Тоҷикистон Саид Носиров ба Сталинобод (Душанбе) омад. Дар Тоҷикистон аз корманди қатории нозироти маориф кори худро оғоз намуд. Донишу таҷриба ва маҳорати ӯро ба инобат гирифта, баъди як соли кор дар нозирот ба вазифаи ҷонишини нозири маориф (аз 6-уми июн то 12-уми октябри соли 1934) интихоб намуданд. Баҳринисо Тоҳирова солҳои 1934-1939 дар вазифаи директори Омӯзишгоҳи занонаи шаҳри Сталинобод ва солҳои 1939-1942 бошад, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Сталинободро буд.

Солҳои директори омӯзишгоҳи занона буданаш Баҳринисо Тоҳирова духтарони зиёдеро аз Кӯлобу Қӯрғонтеппа, Ҳисору Душанбе ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон ба таҳсил ҷалб намуда, дар омода намудани омӯзгорзанон саҳми сазовор гузоштааст.

Солҳои мудири шуъбаи маорифи Сталинобод будани Тоҳирова Баҳринисо ба душвориҳои солҳои ҷанг нигоҳ накарда, дар самти маорифи халқ дастовардҳои назаррас ба даст омаданд. Барои мисол шумораи интернатҳо аз 9 адади соли 1940 ба 21 адад дар соли 1942, шумораи хонандагон аз 78 то ба 128 нафар расонида шуд, ки дар онҳо ятимон, фарзандони бепарастор ва камбағалон таълим мегирифтанд. Шумораи хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз 3157 нафари соли 1940 ба 6726 нафар дар соли 1942 расонида шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 14)**

## МАВЛУДНОМА

**26 ДЕКАБР**

**Неъматуллои Валӣ** (1329-1431), 695-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

**Масодиқ Мадиёров** (1914-1989), 110-солагии пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Исмоил Ниёзов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҳасан Юлдошев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи хокшиносӣ.

Лев Явич (1919-2004), 105-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**27 ДЕКАБР**

**София Динклес** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Самариддин Каримов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

**Абдулаҳад Қурбонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Евгения Морозова** (1914-1994), 110-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

**Усмон Ҷабборов** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Малоҳат Эшонқулова** (1954), 70-солагии зодрӯзи китобдор.

**28 ДЕКАБР**

**Лутфулло Бузургзода** (1909-1943), 115-солагии зодрӯзи забоншинос, адабиётшинос.

**Маҳмуд Муҳаммадов** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

**Саидалӣ Маъмур** (1944), 80-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Алимурод Тағоймуродов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Мукаррама Тошматова** (1929-2004), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Мавҷуда Фозилова** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Сергей Юткевич** (1904-1985), 120-солагии зодрӯзи профессор, кинорежиссёр, устоди киногарони тоҷик.

**29 ДЕКАБР**

**Агафоника Мирополская** (1909-1998), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Ҳалимахон Шарифова** (1924), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Шириншоҳ Шоҳтемур** (1899-1938), 125-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон.

**30 ДЕКАБР**

**Николай Ершов** (1904-1981), 120-солагии зодрӯзи этнограф ва луғатшинос, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Тамара Зеймал** (1929), 95-солагии зодрӯзи муаррих, муҳаққиқи таърихи водии Вахш.

**Баҳриддин Маҳмадкаримов** (1949-1993), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ).

**Ҳайдаршо Пирумшоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Муҳаммадризо Шафеии** Кадканӣ (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир ва донишманди эронӣ.

**31 ДЕКАБР**

**Фотима Ғуломова** (1934), 90-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Шариф Қурбонов** (1919), 105-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Абдурауфи Бенаво** (1914-1994), 110-солагии зодрӯзи шоир ва олими даризабони Афғонистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати гумшудаи синфи 11 Т-АТУ №1057619 ба номи Шоискандарова Хайринисо Саидшоевна, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №66-и ноҳияи Рудакӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шиносномаи техникӣ барои карери истихроҷи қуму санг ба номи Мадалиев Рустамҷон Икромович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Деҳқонобод, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 ба номи Қараев Некрӯз, ки соли 2024 аз ҷониби мактаби №48-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Тоҳир Абдусаломзода Абдусалом, РЯМ: 4130042043, ки санаи 23.09.2024 дар ш. Норак дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №149208, ба номи Носиралиева Майсара Сабралиевна, ки аз ҷониби мактаби ғоибонаи калонсолон ва наврасони шаҳри Норак аз 10.07.1996 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии дороиҳо №0043688, аз 31.05.2023, ба номи Ҷумаев Ҳақназар Қосимович, вилояти Хатлон, ноҳияи Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ, ҷамоати деҳоти Қаҳрамон, деҳаи Боғ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Обид", РЯМ: 0710003406, РМА: 070008151, ки аз 29.04.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪЛОН

КВД "Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт" барои харидани 10 тарозуи автомобилии электронии сайёр тендер эълон менамояд. Хоҳишмандон метавонанд то 28.12.2024, соати 10:00 ҳуҷҷатҳои худро барои иштирок дар озмун бо суроғаи к. Ҷ. Расулов 10/1 пешниҳод намоянд. Тел.: 44-610-01-51

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:
Project Coordinator/Sustainable Finance Manager, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23007 NPSA-9; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 3 January 2025 NY time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

# «ҲУҶУМ» ВА ОЗОДИИ ЗАНИ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ. 13)



Дар солҳои минбаъда Тоҳирова Б. дар вазифаи сардори Раёсати ҷумҳуриявии захираҳои меҳнатии совети вазирони ҶШС Тоҷикистон (1942-1950), ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи шаҳри Душанбе (1950-1958), мудири шуъбаи фарҳанги шаҳри Душанбе (1958-1962) кор кардааст.

Саҳми Баҳринисо Тоҳирова дар ташкилу мустаҳкам кардани низоми маориф: кушодани омӯзишгоҳҳо, аз дигар ҷумҳуриҳо даъват кардани омӯзгорон, омода сохтани нахустин китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ, дар тайёр намудани муаллимони соҳибихтисос, инчунин дар тараққиёту ободонии шаҳри Душанбе хеле калон аст. Як қатор занони шинохтаи ҷумҳурӣ, ба мисли Низорамоҳ Зарипова, Лутфия Зоҳидова, Тоҷинисо Азизова ва дигарон аз зумраи шогирдони ӯ мебошанд, ки дар ободии кишвар нақши бориз гузоштаанд. Солҳои 1947-1959 Баҳринисо Тоҳирова депутати Совети Шӯрои Олӣ ҶШС Тоҷикистон буд. Муаллифи беш аз 80 мақолаву гузоришҳои илмӣ мебошад.

Беҳуда нест, ки мамлакат хизматҳои шоёни дар солҳои зиёд кардаи Баҳринисо Тоҳироваро ба назар гирифта, ӯ бо мукофотҳои олӣ, аз ҷумла бо орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Муаллимаи хизматнишондодаи Тоҷикистон» ва медалҳои «Барои меҳнати диловарона дар солҳои ҶБВ (1941-1945)», бо ифтихорномаҳои Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва чандин раҳматномаву ифтихорномаҳо қадр шудааст.

Ҳамин тавр, дар солҳои аввали ташкили низоми маориф ва маданияти шӯравии тоҷик Баҳринисо Тоҳирова дар соҳаи маориф софдилона фаъолият намуда, нақши босазои худро дар рушди маданияти саветии тоҷик, ташкил ва рушди маорифи ҷумҳурӣ, ба таҳсил фаро гирифтани занон ва ҷалби онҳо ба истеҳсолот, дар маҷмуъ озодии комили занон гузошт. Хизматҳои Баҳринисо Тоҳирова дар ташаккул ва пешрафти ҷумҳурии миллии шӯравии Тоҷикистон, бавижа эъмори фарҳангу маорифи нави тоҷик ҳамеша дар саҳифаи таърихи миллат чун нишонаи садоқат ва ҷасорат боқӣ хоҳад монд.

**Бахтовар ТЕМИРЗОДА,**
**муаррих, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДДТТ ба номи А. Сино**




## ТУҲФА

- Ана ба ту туҳфаи солинавӣ,- мегӯяд падар ба писараш сеторро дароз карда.

- Раҳмат,- қаноатмандона мегӯяд писар,- дадаҷон, истед, ки барои чӣ торҳояш нест?

Падар дар ҷавоб:

- Ҳама кор якбора намешавад-да бачем, аввал ту навохтанашро ёд гир, баъд торҳояшро мехарем.

## ПОСУХ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Дилшод, ту инсоф надорӣ магар? Дар шаби Соли нав ба қаҳвахона рафта, дигар наомадӣ, ман тамоми шаб хоб нарафтам.

Шавҳар дар ҷавоб:

- Чӣ, ту фикр мекунӣ, ки ман хоб рафтаам?

## ЛӮЛА

Тарабхона. Соли нав. Шаб аз нисф гузаштааст. Марде пешхизматро даъват карда, мегӯяд:

- Пешхизмат, ин чӣ хел сихкабоб аст, ки ту барои ман овардӣ!? Ним соат мешавад, ки ман онро бо корд бурида наметавонам.

Пешхизмат дар ҷавоб:

- Акоҷон, шумо шитоб накунед, имшаб мо тарабхонаро соати 7-и саҳар маҳкам мекунем.

## ВАЪДА

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Умед, барои чӣ ҳар боре, ки қадаҳро нӯшиданӣ шавӣ, чашмонатро мепӯшӣ?

Умед дар ҷавоб:

- Ҷӯраҷон, ман ба занам ваъда дода будам, ки дар Соли нав ба қадаҳ ҳатто нигоҳ намекунам.

## ИСТИҚБОЛ

Рӯзи 1-уми январ падар ба писар занг мезанад:

- Писарам, Соли навро чӣ хел истиқбол гирифтӣ?

Посухи писар:

- Ман онро истиқбол нагирифтам. Вай худаш омад.

Арӯс

Марде аз дӯсташ маслиҳат мепурсад:

- Ду арӯс дорам, намедонам аз онҳо кадомашро интихоб кунам.

Дӯсташ мегӯяд:

- Ба қалбат гӯш кун, қалбат чӣ мегӯяд?

Мард дар ҷавоб:

- Қалбам мегӯяд, ки занат фаҳмад, туро мекушад!

## НАҚД

Бемор ба духтур:

- Духтурҷон, намедонам хубиҳои шуморо чӣ гуна баргардонам.

Духтур:

- Агар нақд бошад, беҳтар.

## ҶАВОНӢ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Дар ҷавонӣ аҳмақ будаам, ки барои зани шумо шудан розӣ шудам.

Шавҳар мегӯяд:

- Занак, ҳоло ҳам ҷавон менамоӣ...

**Таҳияи**
**Н. РАҶАБОВА**

## ҚАСАМ БА ҲАМСАР

Дар сари дастархони солинавӣ марде аз ҳамқадаҳаш мепурсад:

- Чаро ту ҳар дафъае, ки арақро ба даҳон мебарӣ, чашмонатро сахт мепӯшӣ?

Мард дар посух мегӯяд:

- Ман ба занам ваъда додам, ки дар соли нав дигар ба арақ нигоҳ намекунам.

## ЛАЪНАТ БА ХУШДОМАН

Субҳи 1-уми январ марде баъди майнӯшии зиёд бо сари гаранг аз хоб бедор шуда, ғур-ғур мекунад:

- Худо ҷазои кампири хушдоманамро диҳад!

Занаш ҳайрон шуда мепурсад:

- Ҳа мардак, модари ман ба шумо чӣ бадӣ кардааст?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Наход одам ба духтараш ин қадар номи душвор гузорад, ки субҳ онро ба хотир оварда нашавад-а!

## АРЧАИ СӮЗОН

Модар дар ошхона хӯрок мепазад. Баногоҳ писарчааш аз хонаи дарун садо баланд мекунад:

- Оча, арча месӯзад!

Модар дар ҷавоб:

- Бачаҷон, арча месӯзад не, арча фурӯзон мешавад.

Баъди чанд лаҳза писарак боз мегӯяд:

- Оча, алакай пардаҳоямон ҳам фурӯзон мешаванд.

## ХОСИЯТИ БАД

Рӯзи соли нав аҳли оила сари дастархон нишастаанд. Падари хонадон аз чойник чой рехтанӣ шуда, шаммаи калонеро, ки ба пиёлааш рехтанӣ мешавад, гирифта ба даруни чойник тела дода, зери лаб мегӯяд:

- Шукри Худо, ягон хел меҳмон намеояд.

Баногоҳ духтарчааш давида ба хона даромада, мегӯяд:

- Дада, дада, холаи Санавбар дар лифт дармондааст.

Ҷашни соли нав

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Соли навро чӣ гуна ҷашн гирифтӣ?

- Мисоли туҳфа...

Дӯсташ ҳайрон мешавад:

- Чӣ хел?

Мард:

- Тамоми шаб дар зери арча хобидам...

## МАЪШУҚАИ ЗАНУ ШАВҲАР

Шавҳар бори аввал завҷаашро ба ҷашни солинавии ҳамкоронаш мебарад.

Зан аз шавҳар мепурсад:

- Ана он занаки куртасурх кист?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Маъшуқаи раисамон.

Занаш боз мепурсад:

- Ҳо ана вай занаки фарбеҳи сиёҳчурда чӣ?

Шавҳар:

- Маъшуқаи сармуҳосибамон.

Зан:

- Зани куртаи зарди гулдор ба бар чӣ?

Шавҳар:

- Маъшуқаи сардори шуъба.

Зан:

- Ана, он мӯрчамиёни зардинамӯ чӣ?

Шавҳар занашро санҷиданӣ шуда, мегӯяд:

- Инаш маъшуқаи ман!

Занаш боифтихор мегӯяд:

- Маъшуқаи мо аз ҳама беҳтарин!

## ФОЛИ СОЛИНАВӢ

Зане дар арафаи Соли нав ба назди фолбин омада, мегӯяд:

- Дар ёдатон ҳаст, ман панҷ сол қабл наздатон омада будам. Шумо гуфта будед, ки соҳиби шавҳар ва панҷ кӯдак мешавам.

Фолбин:

- Дар хотир дорам.

Зан боз мегӯяд:

- Ман фаҳмидан мехоҳам, ки кӯдакдор ку шудам, вале шавҳарро кай меёбам?

## Сканворд



# 2025

# ТОҶИКИСТОН

*Рӯзномаҳо зиёданд, «Тоҷикистон» яктост!*

## Январ

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |

## Феврал

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | | |

## Март

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | |

## Апрел

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | | | | |

## Май

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | |

## Июн

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | | | | | | |

## Июл

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | 31 | | | |

## Август

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |

## Сентябр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | | | | | |

## Октябр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |

## Ноябр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |

## Декабр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шн | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | 31 | | | | |

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ОИЛА
РЕКЛАМНАЯ газета
ARZON.TJ
RG.tj